# РОҲНАМО

## ДАР БОРАИ ПЕШГИРӢ АЗ ЭКСТРЕМИЗМ, ОФИЯТБАХШӢ ВА РЕИНТЕГРАТСИЯИ ШАХСОНИ БОЗГАШТА АЗ МИНТАҚАҲОИ ЗАДУХӮРДҲОИ МУСАЛЛАҲОНА БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

---

# РУКОВОДСТВО

## ПО ПРЕДОТВРАЩЕНИЮ ЭКСТРЕМИЗМА, РЕАБИЛИТАЦИИ И РЕИНТЕГРАЦИИ ВОЗВРАЩЕНЦЕВ ИЗ ЗОН ВООРУЖЕННЫХ КОНФЛИКТОВ В РЕСПУБЛИКУ ТАДЖИКИСТАН

Душанбе, 2023

***Роҳнамо бо дастгирии техникии БРСММ дар Тоҷикистон аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ ва миллӣ бо иштироки намояндагони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Лоиҳаи муштараки Иттиҳоди Аврупо ва Созмони Милали Муттаҳид «Ташаккули устуворӣ ба ифротгароии хушунатомез дар Осиё» (STRIVE Asia) таҳия шудааст. Роҳнамо воситаии иттилоотӣ, методӣ ва амалие мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии тадбирҳо доир ба татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ ва барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм равона гардида, санади меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб намеёбад.***

---

***Руководство подготовлено группой международных и национальных экспертов при участии представителей Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан при технической поддержке ПРООН в Таджикистане в рамках совместного проекта Европейского Союза (ЕС) и ООН «Усиление устойчивости к насильственному экстремизму в Азии» (STRIVE Asia). Руководство состоит из информационно-методического и практического инструментария, направленного на повышение эффективности мероприятий по реализации законодательных положений и государственных программ Республики Таджикистан в направлении предупреждения экстремизма и терроризма. Не является нормативно-правовым документом.***

***Душанбе, 2023***

# РОҲНАМО

# ДАР БОРАИ ПЕШГИРӢ АЗ ЭКСТРЕМИЗМ, ОФИЯТБАХШӢ ВА РЕИНТЕГРАТСИЯИ ШАХСОНИ БОЗГАШТА АЗ МИНТАҚАҲОИ ЗАДУХӮРДҲОИ МУСАЛЛАҲОНА БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Пешгуфтор

БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Моҳият ва ҳадафи таъйиншудаи Роҳнамо

2. Мафҳумҳои асосӣ, истилоҳот ва таърифҳо

3. Заминаҳои ҳуқуқии пешгирии экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
4. Омилҳо ва самтҳои асосии пешгирии экстремизм

БОБИ II. ТАДБИРҲОИ УМУМИПРОФИЛАКТИКӢ (ПЭ)

1. Моҳият, ҳадафҳо ва муҳтавои фаъолияти умумипрофилактикӣ дар соҳаи пешгирии экстремизм
2. Субъектҳои фаъолияти умумипрофилактикӣ: созмондиҳӣ ва ташкили кор
3. Хусусиятҳои ташкили фаъолияти умумипрофилактикӣ дар сатҳҳо ва соҳаҳои гуногун
3.1. Вазифаҳо ва самтҳои фаъолияти профилактикӣ дар сатҳи умумидавлатӣ
3.2. Тадбирҳои профилактикӣ дар гурӯҳҳои асосии осебпазир

БОБИ III. ОФИЯТБАХШӢ ВА РЕИНТЕГРАТСИЯИ БОЗГАШТАГОН (ОРБ)
1. Моҳияти ОРБ, заминаҳои ҳуқуқӣ, иштироккунандагон, рӯйкардҳо ва барномарезӣ
1.1. Вазифаҳо ва мафҳумҳо
1.2. Заминаҳои ҳуқуқӣ, контексти байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадам
1.3. Иштироккунандагони ОРБ
1.4. Рӯйкардҳо дар самти ОРБ
1.5. Барномаҳо барои ОРБ
2. Арзёбии зарфиятҳои ниҳодӣ, муайян намудани ашхос ва сохторҳое, ки ба ОРБ ҷалб карда мешаванд
3. Навъҳои дастгирӣ (дахолат) дар соҳаи ОРБ
Хулоса

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ ВА МУТОЛИАИ ИЛОВАГӢ

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

ША – Шӯрои Аврупо
СҶШ – Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ
ПЭ – Пешгирии экстремизм
ҶТХ (ИБТ) – Ҷангҷӯй- террористи хориҷӣ
ФЗТГГ (ГКТФ) – Форуми зиддитеррористии глобалӣ
ТҒҲ – Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ
СБМ (МОМ) – Созмони байналмилалии муҳоҷират
ПБҲШС (МПГПП) – Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ
САҲА (ОБСЕ) – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо
ОРБ – Офиятбахшӣ (реабилитатсия) ва реинтегратсияи бозгаштагон
СММ – Созмони Милали Муттаҳид
БРСММ – Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид
ДБИТМҶАС СММ (ЮНИКРИ) - Донишкадаи байниминтақавии илмию тадқиқотии СММ доир ба масъалаҳои ҷинояткорӣ ва адолати судӣ
РММҶ СММ (УНП ООН) – Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ
ША СММ – Шӯрои амнияти СММ

## Пешгуфтор

Дар низоми муосири амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ масъалаҳои муқовимат ба тундгароӣ, экстремизм ва терроризм аҳамияти хос пайдо намудаанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва экстремизми хушунатомез», ки рӯзҳои 3-4 майи соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, хатари афзоишёбандаи экстремизма ва терроризм таъкид намуда, зикр карданд, ки «Имрӯз гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ бо ҷомеаҳои радикалии динӣ, миллатгаро ва дигар гурӯҳҳои ҷиноӣ муттаҳид шуда, хусумат ва зӯроварӣ, хунрезӣ ва низоъҳои динӣ, конфессионалӣ, қавмӣ ва ҳатто зиддияти байни тамаддунҳоро таҳрик мекунанд» [1].

Низоъҳои хомӯшнашавандаи мусаллаҳона, пайдоши нуқтаҳои нави доғ дар гӯшаҳои гуногуни дунё ва дар ин замина авҷ гирифтани рӯҳияи ифротгароӣ таҳдидҳоро ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш медиҳанд.

Аз ҷумла, интиқоли ҷангҷӯён – террористҳо аз минтақаи Ироқу Сурия ба дигар минтақаҳо ва дар ин замина тақвият ёфтани мавқеи созмони террористии «Давлати исломӣ» дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хатар эҷод намудааст.

Созмонҳои экстремистию террористӣ ҳамзамон ҷиҳати ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон, аз ҷумла тавасути ҷустуҷӯи аъзои нав дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолияти густурдаи ташвиқотию тарғиботиро ба роҳ мондаанд.

Дар натиҷаи ин ташвиқот солҳои 2014-2017 зиёда аз ҳазор нафар шаҳрванди Тоҷикистон ба кишварҳои арабии Сурия ва Ироқ ҷиҳати иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона ба сифати ҷангӯй-террористи хориҷӣ сафар намуданд.

Моҳи марти соли 2015 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иловаҳо ворид карда шуданд. Тибқи ин иловаҳо муқаррар карда шуд, ки шахсони дар боло номбаршуда бо шарти ихтиёрӣ даст кашидан аз иштироки минбаъда дар ин задухӯрдҳо то анҷом ёфтани онҳо, аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд, ки ин барои онҳо имкони ба Ватан баргаштанро фароҳам овард. Ҳамзамон бозгашти занон ва кӯдакон аз минтақаҳои ҷангзадаи Сурия ва Ироқ ба Тоҷикистон идома дорад.

Аз ин лиҳоз, андешидани тадбирҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм, ҷилавгирӣ аз таъсирирасонии унсурҳои ифротгаро ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, бахусус занон ва ҷавонон, инчунин офиятбахшӣ ва реинтегратсияи бозгаштагон барои Тоҷикистон аз ҷумлаи вазифаҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад.

Дар робита ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои дахлдори ҳуқуқию ниҳодӣ ҷиҳати муқовимат ба экстремизм ва тероризм ташаккул дода шуда, барномарезии маҷмӯӣ ва мукаммали давлатӣ дар ин самт ба роҳ монда шудааст.

---

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд «Муқовимат бо терроризм ва экстремизми хушунатомез».// https://www.mfa.tj/ru/main/view/3224

Соли 2016 аввалин Стратегияи миллии муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 қабул гардида, зимни татбиқи он барои ташаккули сиёсати давлатии мақсаднок ва ҳамоҳангшуда дар ин самт заминаҳо гузошта шуданд.

Айни замон дувумин Стратегияи миллии муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, таҳти №187 тасдиқ карда шудааст, мавриди татбиқ қарор дорад.

Вазифаҳои марҳилаи кунунии муқовимат ба экстремизм ва терроризм - баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, тақвияти ҳамкориҳои онҳо бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар коҳиш додани таҳдидҳои экстремизм ва терроризм, инчунин равнақ додани ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ҳисобида шудаанд.

Амалӣ намудани ин вазифаҳо зарурати ҳамоҳангсозии зичи фаъолияти ҳама иштироккунандагони ин раванд ва ҷустуҷӯи муштараки роҳиҳалҳои мушкилоти мавҷударо бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшуда тақозо менамояд.

# БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## 1. Моҳият ва таъиноти Роҳнамо

Роҳнамо дар бораи пешгирии экстремизм, офиятбахшӣ ва реинтегратсияи шахсони аз минтақаҳои задухӯрдҳои мусаллаҳона ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бозгашта (минбаъд Роҳнамо) – ин дастури иттилоотӣ-методӣ ва амалие мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии тадбирҳо доир ба татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ ва барномаҳои (стратегияҳои) давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм равона гардидааст.

Роҳнамо аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо барномаи БРСММ «Ташаккули устуворӣ ба ифротгароии хушунатомез дар Осиё» (STRIVE Asia) дар Тоҷикистон таҳия гардида, ҳадафи он дастгирии иқдомоти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ дар ҷилавгирӣ аз тундравӣ ва хушунат дар ҷомеаҳо, инчунин мусоидат намудан ба офиятбахшии муваффақиятомез ва реинтегратсияи комили  шахсони бозгашта аз минтақаҳои ҷангзада маҳсуб меёбад.

Он ҳамчунин ба бартараф намудани ҷиҳатҳои заиф дар донишу иттилоот ва зарфиятҳои иштироккунандагони пешгирии экстремизм (ПЭ) ва офиятбахшию реинтегратсияи бозгаштагон (ОРБ), кумаку дастгирии ниҳодҳои ба ин фаъолият ҷалбшуда дар истифодаи дурусти мавқеъ ва  бархӯрди ба ҳуқуқҳои асосии инсон, ҷанбаҳои гендерӣ ва синнусолии ин соҳа асосёфта равона гардидааст.

Санади мазкур дорои модулҳои таълимӣ ва слайдҳо дар қолиби Power Point мебошад, ки ҷиҳати гузаронидани семинарҳои муштараки таълимӣ бо иштироккунандагон аз сохторҳои гуногун таҳия гардида, ба боз ҳам зичтар намудани робитаҳои касбии онҳо мусоидат хоҳанд кард.

Ба Роҳнамо ҳамзамон феҳристи санадҳо ва адабиёт ва намунаи лоиҳаю барномаҳо дар соҳаи ПЭ ва ОРБ замима шуда, он метавонад ҳамзамон ҳамчун манбаи муфиди иттилоот дар ин ин самт хизмат намояд.

## 2. Мафҳумҳои асосӣ, истилоҳот ва таърифҳо

Мафҳум ва таърифҳо – ин тасаввурот оид ба моҳият, хусусият ва ҷанбаҳои фарққунандаи зуҳурот ва предметҳои мавриди назар (омӯхташаванда) мебошанд, ки тариқи тафриқа ва шинохти ҷанбаҳои нисбатан муҳим ва ҷиддии ин зуҳурот ва предметҳо ташаккул меёбанд.

Забони муоширати касбӣ ба фарқ аз забони умумиадабӣ  адабӣ дақиқ ва якмаънӣ будани тафсири мафҳумҳои асосию калидиро, ки дар истилоҳот инъикос ёфтаанд, тақозо менамояд. Барои чунин соҳаи фаъолият ба мисли ПЭ ва ОРБ, ки забони муоширати онҳо ба истилоҳоти  қонунӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ робитаи наздик дорад, якрангию якмаънӣ будани мафҳумҳо аҳамияти хос дорад.

Хеле зарур аст, ки мафҳумҳои ин соҳа муҳтавои саҳеҳу дақиқ ва дар аксари ҳолатҳо ҳудудҳои онҳо бояд возеҳу равшан бошанд, зеро истифодаи носаҳеҳи ин ё он истилоҳ метавонад оқибатҳои ҷиддии ҳуқуқиро ба бор оварад.

Аз ин лиҳоз, афрод ва сохторҳои ба ПЭ ва ОРБ ҷалбшуда бояд ба моҳияти мафҳум ва таърифҳои дар ин соҳа истифодашаванда хуб сарфаҳм раванд ва маънии онҳоро ба шунавандагон дуруст шарҳ диҳанд.

Мафҳум ва таърифҳои асосии дар соҳаи ПЭ ва ОРБ истифодашаванда «тундгароӣ», «тундгароии ба терроризм баранда», «экстремизм», «экстремизми хушунатомез», «муқовимат ба экстремизм», «терроризм», «офиятбахшӣ ва реинтегратсияи бозгаштагон» «рӯйкарди бисёртарафа» (многосторонний подход) ва ғайра мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки мафҳумҳои ягонаи расмӣ ва дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшудаи «тундгароӣ», «экстремизми хушунатомез», «терроризм» ва дигар мафҳумҳои дар ин соҳа истифодашаванда айни замон ба миён наомадаанд.

Дар баробари ин, дар байни созмонҳои мухталифи байналмилалӣ, ниҳодҳои миллӣ, олимон ва кормандони амалӣ то андозае ҳамдигарфаҳмӣ доир ба мазмуни истилоҳот дар ин соҳа ба даст омадааст.

Чунончи, тахти «тундгароӣ» (радикализм) – идея ва амалҳои иҷтимоӣ- сиёсие, фаҳмида мешаванд, ки ба нисбатан амиқ ва қотеъона тағйир додани ниҳодҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, низоми сиёсӣ ва арзишҳои ҷомеа равона шудаанд.

Ба тундгароӣ майли шадид доштан ба идеяҳо, ақидаҳо ва консепсияҳои тунд ва бениҳоят таҷовузкорона, инчунин иқдомоти фавқулодда қатъӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ хос мебошанд.

Мутобиқ ба ин тахти «тундгарошавӣ» (радикализатсия) рушди босуръат ва нисбатан қатеъонаи ягон раванд ё зуҳурот (масалан тундгароии ҷавонон, тундгароии созмонҳои исломӣ ва ғ.) дар назар дошта мешавад.

Дар ҳуҷҷатҳои баъзе созмонҳои байналмилалӣ мафҳуми «тундгарошавии ба терроризм баранда» истифода мегардад. Аз ҷумла, тибқи асноди САҲА тахти ин мафҳум раванде фаҳмида мешавад, ки “дар ҷараёни он инсон зӯроварии террористиро рафта-рафта ҳамчун амали на танҳо имконпазир, балки дуруст ҳисобидан мегирад. Дар ниҳояти кор ин шахс метавонад (на ҳатман) ба ташвиқ, дастгирӣ ё иштирок дар амалҳои террористӣ оғоз намояд”.[2]

*«Экстремизм»* – тамоюл ба идеяҳо ва ҳадафҳои сиёсии тунде мебошад, ки асосан бо роҳи зӯроварӣ, истифодаи қувва, инчунин методу воситаҳои нораво ва ғайриқонунӣ, инкор намудани созиш ва мусолиҳа бо рақибони сиёсӣ ба даст оварда мешаванд.

Ба тундгарошавӣ ва экстремизм шадид будани мавқеъ ва амалҳои барои расидан ба мақсад ва ҳадафҳои гузошташуда равонашуда хос буда, онҳо аз ин нигоҳ зуҳуроти амалан яксон бошанд ҳам, аз лиҳози дараҷаи шадид будани идеяҳо ва воқеияти иҷро шуданашон аз ҳам фарқ мекунанд.

Дар мавриди тундгарошавӣ идея ва мақсадҳо метавонанд ба тағйиротҳои амиқ равона шуда бошанд, вале ҳатман хусусияти экстремалӣ ва амалӣ доштани онҳо шарт нест, дар мавриди экстремизм бошад, идеяҳо бениҳоят шадид ва ниятҳои гузошташуда амалан иҷрошаванда мебошанд.

[2] OSCE, Preventing Terrorism and Countering Violent Extremism and Radicalization that Lead to Terrorism: A Police-Community Engagement Approach Vienna, February 2014 (САҲА. Пешгирии терроризм ва мубориза бо экстремизми хушунатомез ва тундгароии ба терроризм баранда: Рӯйкарди ба ҳамкории политсия ва аҳолӣ асосёфта) https://www.osce.org/secretariat/111438?download=true.

Тундгароӣ он вақт хусусияти экстремизмро пайдо мекунад, ки тарзҳои пофишорӣ намудани гурӯҳҳои муайян ё шахсони алоҳида дар ҳифзи манфиат ва ақидаҳои худ ба амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ хатари воқеӣ ё эҳтимолӣ эҷод намояд.

Экстремизм дар зӯроварона ғасб намудан ё бо роҳи зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият, бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии давлат, таҷовузи зӯроварона ба амнияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла бо ин мақсад таъсис додани воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ё иштирок дар онҳо, ки аз тариқи ҷиноӣ таъқиб мегарданд, зоҳир мегардад.

Бо дарназардошти ин хусусиятҳои экстремизм дар бисёр давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ мафҳуми ҳанӯз эътирофи умум пайдонакардаи «экстремизми хушунатомез» мавқеи устувор касб намудааст.

Таҳти мафҳуми «экстремизми хушунатомез» майли одамон ба ақидаҳо ва амалҳои тунд, «дастгирӣ ё истифодаи зӯроварии аз лиҳози идея асосноккардашуда ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, мазҳабӣ ё сиёсӣ фаҳмида мешавад».[3]

Дар кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар бисёр ҳолатҳо истилоҳи «экстремизм» ба ҷойи «экстремизми хушунатомез» истифода мешавад.

Чунончи, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020 ин мафҳумро чунин шарҳ додааст: «экстремизм – ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистиест, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст»[4].

Тибқи ҳамин Қонун таҳти мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ» «фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаҳои ахбори омма ё ташкилотҳои дигар, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое, ки ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ, ноустувор сохтани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, инчунин даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд» фаҳмида мешаванд.5

Мавриди зикр аст, ки *давлатҳои иштироккунандаи* ИДМ, аз ҷумла Тоҷикистон мафҳуми «экстремизми хушунатомез»-ро дар санадҳои қонунгузории худ истифода накунанд ҳам, онро дар созишномаҳои байнидавлатии худ, аз ҷумла дар созишномаҳои зерин расмият бахшидаанд:

- *Консепсияи ҳамкориҳои давлатҳои иштироккунандаи ИДМ оид ба мубориза бо терроризм ва дигар зуҳуроти хушунатомези экстремизм (бо қарори Шӯрои Сарони давлатҳои ИДМ аз 26 августи соли 2005 тасдиқ карда шудааст;*

---

[3] Аз тадқиқоти «Муқаддимаи муқовимат ба экстремизми хушунатомез: манбаъҳо доир ба мафҳумҳои асосӣ ва таърифҳо» (Ҳидоя, ҳуҷҷати дохилӣ). Ҳуҷҷати мазкур ҳанӯз нашр нашудааст.

[4] Моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020, №1655.

[5] Ҳамон ҷо.

- *Созишномаи давлатҳои иштироккунандаи ИДМ дар бораи таъминоти моддӣ-техникии мақомоти салоҳиятдор, ки мубориза бо терроризм ва дигар зуҳуроти хушунатомези экстремизмро ба амал мебароранд (Ашқобод, 5 декабри соли 2012);*
- *Созишнома дар бораи мубодилаи иттилоот дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соҳаи мубориза бо терроризм ва дигар зуҳуроти хушунатомези экстремизм, инчунин маблағгузории онҳо (Тошканд, 3 ноябри соли 2017);*
- *Эъломияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд "Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез"( Эъломияи Душанбе, 4 майи соли 2018);*
- *Эъломияи Душанбе оид ба амнияти сарҳадӣ ва ҳамкориҳо дар самти мубориза бо терроризм ва пешгирии ҳаракати террористҳо, 18-19 октябри соли 2022).*

Иштироккунандагони ПЭ ва ОРБ бояд донанд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳама гуна шаклҳои терроризмро маҳкум намуда, онро ҳамчун таҳдид ба сулҳу амният эътироф намояд ҳам, то ҳол ба коркарди мафҳуми ягона, универсалӣ ва мувофиқашудаи ҳуқуқии он комёб нагардидааст.

Дар доираҳои сиёсӣ, илмӣ ва низомҳои мухталифи ҳуқуқӣ мафҳумҳои зиёди кории ин зуҳурот (терроризм) мавриди истифода қарор доранд.

Дар ин хусус бардошт ё фаҳми то андозае умумии он роиҷ аст, ки «терроризм» – идеологияи зӯроварӣ, тарсдиҳӣ, ҳаросафканӣ ва ба вуҷуд овардани вазъияти буҳронӣ тавассути амалҳои террористӣ ба мисли тарконидани биноҳои ҳукуматӣ, ёдгориҳои фарҳангӣ, воситаҳои нақлиёт, таркиш дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ғайра мебошад, ки ба шикастани идеологияи давлатӣ, тағйир додани низоми давлатӣ- сиёсӣ ва барҳам додани тамомияти арзии давлат равона шудааст».

Қатъномаи Шӯрои Амнияти СММ 1566 (2004) муқаррар намудааст, ки терроризм кирдор, аз ҷумла нияту мером, ҳадаф ва амали мушаххасе мебошад, ки дар худ унсурҳои зеринро дорад: амалҳои ҷинояткорона, аз ҷумла муқобили аҳолӣ равонашуда, ки бо мақсади куштор ё расонидани ҷароҳатҳои вазнин содир шудаанд, ё гаравгонгирӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани фазои террор дар байни аҳолӣ, гурӯҳи аҳолӣ ё афроди мушаххас, тарсонидани аҳолӣ ё маҷбур намудани ҳукумат ё созмони байналмилалӣ барои анҷом додан ё худдорӣ намудан аз ягон амал, ки тибқи конвенсияҳо ва протоколҳои байналмилалӣ вобаста ба терроризм ҷиноят эътироф мешаванд...».[6]

Гуфтаҳои боло шаҳодати онанд, ки мафҳуми ҳуқуқӣ-байналмилалии «терроризм» то ҳол рӯи кор наомада бошад ҳам, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ доир ба маҷмӯи нишонаҳои хоси терроризм ҳамфикрӣ ба назар мерасад.

Мафҳуми миллии «терроризм» дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» дар шакли зерин оварда шудааст: «терроризм – мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад».[7]

[6] The UN Security Council, Resolution No. 1566, Threat to International Peace and Security by Terrorist Acts. 5053-rd meeting, 8 October 2004 https://digitallibrary.un.org/record/532676?ln=zh_CN
(Қатъномаи Шӯрои амнияти СММ № 1566 "Таҳдидҳо ба сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, ки амалҳои террористӣ ба миён меоранд")
[7] Қисми 8 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021, №1808.

Таҳти мафҳуми «амалҳои террористӣ» дар Қонуни мазкур инҳо фаҳмида мешаванд: «бевосита содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ дар шакли ба гаравгон гирифтан ва ё боздошт намудани гаравгонҳо, рабудани одамон, суиқасд ба ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, намояндагони гурӯҳҳои миллӣ, динӣ, мазҳабӣ, нажодӣ, дигар гурӯҳҳои аҳолӣ, намояндагони давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ғасб намудан, зарар расонидан ва нобуд кардани иншооти давлатӣ ва ё ҷамъиятӣ, амалӣ кардани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ, истифода намудан ва ё таҳдиди истифодаи таҷҳизоти тарканда, моддаҳои радиоактивӣ, биологӣ, тарканда, кимиёвӣ ва дигар маводи заҳролудкунанда, ғасб намудан, ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёти заминӣ, обӣ ва ҳавоӣ, ташкили бетартибӣ ва иғвои он дар ҷойҳои серодам ва ҷамъиятӣ, ҷойҳои маҳрум ва маҳдуд кардан аз озодӣ, ҷойҳои гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ, расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии аҳолӣ, молу мулки шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ бо роҳи содир кардани садамаҳо, фоҷиаҳои техногенӣ, паҳн кардани таҳдид бо дилхоҳ восита ва тарзу усулҳо, инчунин, кирдорҳои дигари террористӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, муқаррар шудаанд».[8]

Мафҳумҳои асосии дар боло номбурда ба мо имкон медиҳанд, ки умумият ва фарқиятҳоро байни экстремизм ва терроризм муайян намоем.

Терроризм ҳамчун истифодаи амалҳои фавқулодда, зӯроварона ва тахрибкорона шакли ниҳоии зоҳиршавии тундравии ғайримашруъ ва марҳилаи нисбатан хатарноки экстремизм маҳсуб меёбад.

Мафҳуми *«муқовимат ба экстремизм»* дар бисёр кишварҳо бевосита дар санадҳои қонунгузорӣ оварда шудааст.

Аз ҷумла, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» таҳти мафҳуми мазкур «фаъолияти мақомоти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони дигари ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки ба ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти давлат, ошкор кардани сабабу шароити ба зуҳуроти экстремизм мусоидаткунанда, инчунин барои огоҳсозӣ, ошкор, пешгирӣ, рафъ ва қатъ намудани фаъолияти экстремистӣ ва аз байн бурдани оқибатҳои он равона карда шудааст», фаҳмида мешавад.[9]

Принсипҳои муқовимат ба экстремизм дар Тоҷикистон инҳо ҳисобида шудаанд:

- қонуният;
- риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин манфиатҳои қонунии ташкилотҳо;
- афзалияти таъмини амнияти давлат;
- афзалияти чораҳои пешгирикунандаи фаъолияти экстремистӣ;
- ба таври мунтазам, маҷмӯӣ ва мувозинавӣ ба роҳ мондани тадбирҳои сиёсӣ, иттилоотию ташвиқотӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ – маъмурӣ, ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ ва чораҳои дигари муқовимат ба экстремизм;

[8] Қисми 1 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021, №1808.
[9] Банди ҳаштуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм" аз 2 январи соли 2020, №1655.

- ҳамкории давлат бо шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, воситаҳои ахбори омма, созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилоту иттиҳодияҳои дигар дар муқовимат ба экстремизм;
- ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ;
- мутобиқати чораҳои муқовимат ба экстремизм ба дараҷаи хавфнокии фаъолияти экстремистӣ (моддаи 4 Қонуни мазкур).

Самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм тибқи Қонуни мазкур инҳо мебошанд:

- андешидани чораҳои пешгирикунанда, ки барои огоҳонии паҳншавии мафкураи экстремизм ва фаъолияти экстремистӣ, аз ҷумла ошкор намудан ва бартарафсозии сабабу шароити ба онҳо мусоидаткунанда равона гардидааст;
- огоҳсозӣ, ошкор, пешгирӣ, рафъ ва қатъ намудани фаъолияти экстремистӣ, инчунин ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта;
- ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат ба экстремизм;
- ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат ба экстремизм (моддаи 5 Қонуни номбурда).

Мафҳуми «муқовимат ба терроризм» низ дар қонунгузории миллӣ инъикоси расмии худро ёфта, таҳти он – «фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мақомоти дигар оид ба пешгирии терроризм, аз ҷумла ошкорсозӣ ва минбаъд бартараф намудани сабабу шароитҳои ба содиршавии амали террористӣ мусоидаткунанда, ошкорсозӣ, огоҳсозӣ, пешгирӣ, қатъ намудан, кушодан ва тафтиш кардани амали террористӣ, то ҳадди камтарин расонидан ва (ё) бартараф намудани оқибатҳои амали террористӣ» фаҳмида мешавад»[10].

Мафҳуми «мубориза бо терроризм» нисбат ба «муқовимат ба терроризм» маҳдудтар буда, он танҳо – «фаъолияти мақомоти дахлдор оид ба ошкорсозӣ, огоҳсозӣ, пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти террористӣ, инчунин, кушодан ва тафтиш кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ», яъне фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратиро фаро мегирад (банди 6 моддаи 1 Қонуни номбурда).

«Офиятбахшӣ ва реинтегратсияи бозгаштагон» (ОРБ) маънии солим гардидан, аз экстремизм даст кашидан ва аз нав ба ҷомеа баргаштани инсонро дорад[11]. Реинтегратсия он вақт устувор ҳисобида мешавад, ки инсон тавонад дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ширкат дошта бошад.

Дар ПЭ ва ОРБ мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, олимон, ВАО ва созмонҳои байналмилалӣ ширкат меварзанд. Кӯшишҳои якҷояи хукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷодаи муқовимат ба экстремизм дар бисёр ҳолатҳо «*рӯйкарди дастаҷамъии ҷомеа*» номида мешавад. Ин истилоҳ ҳарчанд қаблан дар соҳаи тандурустӣ истифода мешуд, айни ҳол он дар барномаҳои ПЭ низ васеъ истифода мегардад. Он бахусус барои ҳамчун рӯйкард (подход) истифода намудан дар

---

[10] Банди 5 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021, №1808.

[11] International Civil Society Action Network (ICAN) and the United Nations Development Program (UNDP). Invisible Women: Gender Dimensions of Return, Rehabilitation and Reintegration after Violent Extremism. New York, 2019. p. 29. https://icanpeacework.org/wp-content/uploads/2019/02/ICAN-UNDP-Rehabilitation-Reintegration-Invisible-Women-Report-2019.pdf
(Шабакаи байналмилалии амалҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ICAN) ва Барномаи рушди СММ.Занҳои ноаён: Ҷанбаҳои гендерии бозгаштан, офиятбахшӣ ва реинтегратсия баъди экстремизми хушунатомез).

офиятбахшӣ ва реинтегратсияи афроди аз минтақаҳои ҷангзада бозгашта, ки ҳамкории субъектҳои зиёди манфиатдорро тақозо менамояд, хеле муфид аст.[12]

*«Рӯйкарди бисёртарафа»* – ин иқдомоти ҳамоҳангшудаи сохторҳои манфиатдори ҳукуматӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва баъзан бахши хусусӣ дар ПЭ ва ОРБ мебошад. Он метавонад ба чунин рӯйкардҳо аз қабили механизмҳои азнав равонасозии тосудӣ ва навъҳои мухталифи дастгирӣ (дахолат), ки поёнтар дар васоити мазкур шарҳ дода шудаанд, марбут бошад. Ҳангоми реинтегратсия ва офиятбахшии бозгаштагон, гурӯҳҳои бисёртарафаи сохторҳои манфиатдор ҷиҳати барқароршавии онҳо дар ҷомеа ба онҳо ва ҷомеаҳои маҳаллии онҳо кумак мерасонанд.

Дар ҳамаи намудҳои ҷиноят ва пешгирии ҷиноят субъектҳои мухталиф вобаста ба он, ки ҳуқуқвайронкунанда дар кадом марҳилаи раванди «ҷиноят-вокуниш» қарор дорад, масъулияти фарқкунанда доранд.

"Ман муътақидам, ки бунёди ҷомеаҳои шаффоф, одил, ҳамашумул ва ҳамгиро, ки ба риояи комили ҳуқуқҳои инсон асос ёфта, ба ҳамагон имкониятҳои иқтисодиро фароҳам меоранд, метавонанд ба сифати бадили (алтернативаи) басо ҷиддию чашмгир нисбат ба экстремизми хушунатомез, ҳамзамон стратегияи нисбатан умедбахшу ояндадори коҳиш додани ҷаззобияти афкори экстремистӣ хидмат намояд.

Ҳисоботи дабири кулли СММ дар Маҷмаъи умумии СММ доир ба Нақшаи амалҳо оид ба пешгирии экстремизми хушунатомез.

24 December 2015. A/70/674 https://www.un.org/en/ga/search/view_doc.asp?symbol=A/70/674

Маҳз ҳамин ҳолат ё воқеияти мавҷуда иқдомотро вобаста ба пешгирӣ, дастгирӣ (дахолат) ва офиятбахшӣ ба марҳилаҳои дахлдор ҷудо менамояд.

*«Тадбирҳои умумипрофилактикии ба ҳама қишрҳои аҳолӣ равонашуда» (ПЭ)* бартарафсозии шароитҳои ба паҳншавии афкори экстремистӣ мусоидатнамударо дар бар мегиранд. Ба сифати чунин чунин шароитҳо метавонанд камбудиҳо дар соҳаи маориф, донишҳои динӣ ва тарбияи ҳуқуқию фарҳангии аҳолӣ, таъминот бо ҷойи кор, ташкили муҳоҷирати меҳнатӣ ва ғайра баромад намоянд.

Баъд аз он, ки тундравии шахс то дараҷаи хушунат ва зӯроварӣ расид, чораҳои дахолат хусусияти барканоркунӣ, офиятбахшӣ ва реинтегратсияро (ОРБ) мегиранд.

## 3. Заминаҳои ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм дар Тоҷикистон

Муқовимат ба экстремизм дар Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, барномаҳои (консепсия ва стратегияҳои) миллӣ, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ инҳо дохил мешаванд:

[12] OSCE, Society-wide Approach to Preventing and Countering Violent Extremism and Radicalization that Lead to Terrorism, A Guide for Central Asia https://www.osce.org/files/f/documents/a/7/444340_0.pdf p 24. (САҲА. Рӯйкарди дастаҷамъии ҷомеа ба пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизми хушунатомез ва тундгароии ба терроризмбаранда. Роҳнамо барои Осиёи Марказӣ)

- Стратегияи глобалии зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид (2006);
- «Нақшаи амалҳо доир ба пешгириии экстремизми хушунатомез» (2015), ҳисоботи дабири кулли СММ, A/70/674;
- Қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид 1963 (2010), 2129 (2013) и 2395 (2017).
- Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар асноди консептуалию барномавии зерин инъикос гардидааст:
- Консепсияи ягонаи мубориза бо терроризм ва экстремизм, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2005, №1717 тасдиқ гардидааст;
- Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дин, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2018, №1042 тасдиқ гардидааст;
- Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 тасдиқ гардидааст.

Санадҳои миллии меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба танзими масъалаҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм, инҳо мебошанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020, №1655;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021, №1808.

Дар ин ҷода санадҳои зерин низ аҳамияти хос доранд:

- Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, №28;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 2012, №828;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5 августи соли 2009, №549;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, №258.

Ба асноди категорияи мазкур инчунин як қатор дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои озодии виҷдон, муқовимат ба экстремизм ва терроризм, инчунин ваколатҳои мақомоти давлатиро танзим менамоянд, дохил мешаванд.

Ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои марбут ба экстремизм ва терроризм бо Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст.

## 4. Омилҳо ва самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм

Дар «Нақшаи амалҳо оид ба пешгирии экстремизми хушунатомез», ки бо гузориши Дабири кулли СММ муаррифӣ гардидааст[13], шароитҳои зерини ба экстремизми хушунатомез мусоидаткунанда, инчунин таркиби онҳо зикр гардидаанд:

- мавҷуд набудани имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ;

[13] Action Plan to Prevent Violent Extremism, December 24, 2015 (A/70/674) (Нақшаи амалҳо оид ба пешгирии экстремизми хушунатомез)

- номутобиқатии иҷтимоӣ-иқтисодӣ (маргинализатсия) ва табъиз;
- идоракунии ғайрисамаранок, риоя накардани ҳуқуқҳои инсон ва принсипи волоияти қонун;
- низоъҳои бардавоми ҳалношуда;
- тундгарошавӣ дар маҳбасҳо.

Дар Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, омилҳои ба экстремизм мусоидаткунанда дар Тоҷикистон инҳо эътироф шудаанд:

1) сатҳи ҳанӯз ҳам нокифояи самаранокии чорабиниҳои пешгирию маърифатӣ ва таъминоти илмию методии муқовимат ба экстремизм;
2) ҳанӯз ҳам аз ташвиқоти экстремистӣ осебпазир боқӣ мондани муҳити динӣ;
3) пурра истифода нагардидани зарфиятҳои профилактикии низоми маориф;
4) номукаммалии механизмҳои алоҳидаи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
5) душвориҳои объективии давраи гузариш, аз ҷумла бекорӣ, масъалаи манзил, анҷом наёфтани раванди ислоҳот дар соҳаи андоз ва дигар мушкилиҳо, ки аз ҷониби гурӯҳҳои тундрав ҷиҳати расонидани таъсири бесуботкунанда ба аҳолӣ истифода мегарданд;
6) камбудиҳо дар ташкили муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва эмин доштани онҳо аз таъсири гурӯҳҳои экстремистӣ дар кишварҳои будубош;
7) пурра ҳал нагардидани масъалаҳои таъминоти ташкилию техникӣ ва таъсирнокии нокифояи пешгирии экстремизм дар муассисаҳои ислоҳӣ;
8) кофӣ набудани зарфиятҳои ниҳодҳои давлатӣ доир ба муқовимат ба Интернет-экстремизм, набудани ҳамкорӣ бо ниҳодҳои индустрияи глобалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;
9) пурра ба ҳисоб нагирифтани омили гендерӣ зимни татбиқи чораҳои муқовимат ба таҳдидҳои экстремистию террористӣ;
10) сатҳи нокифояи ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;
11) ба такмил ниёз доштани қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба терроризм, пурра ошкор нагардидани ҳалқаҳои пинҳонӣ амалкунандаи ташкилотҳои экстремистию террористӣ ва шабакаҳои маблағгузории терроризм ва экстремизми байналмилалӣ;
12) мавҷуд набудани механизми дақиқи реинтегратсия ва ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ кунонидани ҷангҷӯён-террористҳои баргаштаистода, занону кӯдакони ба онҳо алоқаманд;
13) нокифоя истифода гардидани имкониятҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар тақвияти муқовимат ба экстремизм ва терроризм.

Дар робита ба ин, Стратегияи миллӣ ба сифати самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар марҳилаи кунунӣ инҳоро муайян намудааст:

- тақвият бахшидани чораҳои пешгирии экстремизм ва терроризм дар асоси таҳлили самаранокии онҳо; вусъат бахшидани тадқиқоти илмию таҳлилӣ ва сотсиологӣ вобаста ба сабабу шароитҳои экстремизм ва дар ин раванд ҳамчун яке аз меъёрҳои асосии арзёбии қимматнокии онҳо ҳисобидани имконпазирии татбиқи воқеии онҳо дар амалия; такмили заминаҳои ниҳодии профилактика, ҷалби доираи васеътари мақомоти давлатӣ, дақиқ ва мушаххас намудани вазифаҳои онҳо дар ин самт;

- таҳкими нақши дин ва ташкилотҳои динӣ дар фаъолияти профилактикӣ, нигоҳ доштани ризояти байнимазҳабӣ дар ҷомеа бо роҳи қабули тадбирҳои иловагӣ доир ба баланд бардоштани фарҳанг ва саводнокии динии аҳолӣ, таҳкими фазои таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ, эҳтиром нисбат ба ҳама дину мазҳабҳо;
- тақвияти нақши низоми маориф ва сиёсати ҷавонон дар пешгирии экстремизм, такмил додани барномаҳои таълимӣ ва усулҳои таълими фанҳо ва мавзӯъҳои вобаста ба ватандӯстӣ, эҳтиром ба инсон ва ҳуқуқҳои ӯ, баланд бардоштани дастрасии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути таъмини боз ҳам бештари шаффофият ва беғаразии имтиҳонҳои марказонидашудаи қабул;
- баланд бардоштани мақоми ҳуқуқии шахс ва баланд бардоштани фарҳанги сиёсии аҳолӣ, таъмини риояи қатъии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баамалбарории адолати судӣ, тақвияти мубориза бо коррупсия, баланд бардоштани сифат ва беҳтаркунонии раванди хизматрасониҳои давлатӣ;
- баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ тавассути тезонидани суръати ислоҳотҳо вобаста ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, татбиқи принсипҳои адолати иҷтимоӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва таҳкими амнияти миллӣ дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ;
- такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, беҳтар намудани сифати омодасозии томуҳоҷиратӣ, мусоидат ба беҳтар намудани шароитҳои будубош ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, бартараф намудани омилҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;
- амиқгардонӣ ва васеъ намудани чораҳои пешгирии экстремизм дар муассисаҳои ислоҳӣ, таъминоти қонунию ҳуқуқӣ ва техникии пешгирии паҳншавии идеяҳои экстремистӣ ва таъсири ташкилотҳои экстремистию террористӣ ба маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ, беҳтар намудани шароитҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс ва риояи ҳуқуқҳои инсон дар байни маҳбусон;
- андешидани тадбирҳои иловагӣ доир ба тақвияти истифодабарии имкониятҳои Интернет ҷиҳати пешбурди ташвиқоти васеи зиддиэкстремистӣ ва фаъолияти профилактикӣ дар ин соҳа, мустаҳкам намудани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамкориҳо бо ниҳодҳои индустрияи глобалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар самти муқовимат ба истифодабарии Интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ;
- ташкили амалияи аз лиҳози гендерӣ ҳассоси муқовимат ба экстремизм ва терроризм, аз ҷумла бартараф намудани омилҳое, ки ба рушд ва фаъолнокии иҷтимоии занон монеъ мешаванд, васеъ намудани иштироки занон дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм;
- баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар тарҳрезӣ ва татбиқи чораҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм, мусоидат ба тақвияти зарфиятҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ дар ин соҳа;
- такмили минбаъдаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм ва терроризм, баланд бардоштани самараноки ҳуқуқтатбиққунӣ ва тақвияти зарфиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти

ошкоркунӣ, қатъ намудан ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта;

- офиятбахшӣ ва реинтеграциияи шахсони гузаштаи экстремистӣ ё террористидошта, барномарезии офиятбахшӣ ва реинтегратсияи маҳбусоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта, аз ҷумла иштирок дар низоъҳои ҳарбии ҳудуди кишварҳои хориҷӣ маҳкум шудаанд;
- васеъ намудани заминаҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, тақвият бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар соҳаи муқовимат ба терроризми байналмилалӣ, экстремизм, сепаратизм, ҷинояткории муташаккилонаи байналмилалӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти байналмилалӣ ва ғайра.

Дар Нақшаи амалҳо оид ба татбиқи Стратегия тадбирҳои пешгирии экстремизм дақиқ ва мушаххас карда шудаанд.

# БОБИ II. ТАДБИРҲОИ УМУМИПРОФИЛАКТИКӢ

## 1. Моҳият, ҳадафҳо ва муҳтавои фаъолияти умумипрофилактикӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм

Асноди байналмилалӣ ва қонунгузории миллии Тоҷикистон афзалияти чораҳои пешгирию профилактикиро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм эътироф менамоянд.

Аз ҷумла, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таъмин намудани самаранокии тадбирҳои профилактикиро ҳамчун самти калидии муқовимат бо экстремизм ва терроризм эътироф намудааст.

Таҳти профилактика фаъолияте фаҳмида мешавад, ки ба пешгирӣ намудани проблемаҳо ва ҳар гуна канорравии иҷтимоӣ ҷиҳати дар доираи қобили таҳаммул нигоҳ доштани ин равандҳо ё бартараф намудани омилҳои ба онҳо мусоидаткунанда ва ҳамзамон рафъ намудани оқибатҳои манфии марбут ба онҳо равона гардидааст.

Тадбирҳои умумипрофилактикӣ дар соҳаи ПЭ чун қоида ҳалли проблемаҳои ҳанӯз рухнадодаро дар назар дошта, хеле барвақт аз арзи вуҷуд намудан ё бевосита пеш аз ба вуқӯъ пайвастани онҳо амалӣ карда мешаванд.

Профилактика дар соҳаи ПЭ маҷмӯи тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, ташкилӣ, идоракунӣ, фарҳангӣ-тарбиявӣ ва ғайра мебошанд, ки ба пешгирии номувофиқатии имконпазири равонӣ ва дигар носозгории афроди алоҳида ё «гурӯҳи хавф» ба меъёрҳои рафтори умум, қонуният ва ахлоқ, ки метавонанд ба майл намудани онҳо ба афкор ва рафтори тундравона мусоидат намоянд, равона гардидаанд.

Тадбирҳои умумипрофилактикӣ вобаста ба муҳтавои мушаххасашон мумкин аст ба самтҳои зерин ҷудо карда шаванд:

- *тадбирҳои иқтисодӣ* оид ба фароҳам овардани шароит ҷиҳати баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъмин бо ҷойи кор ва манзил;
- *тадбирҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ,* ки ба таъмини эҳтиёҷоти маънавию фарҳангии аҳолӣ, ташкили фароғат ва рушди ҷисмонии одамон мусоидат менамоянд;
- *тадбирҳои тарбиявӣ* оид ба баланд бардоштани сифати тарбияи маънавию ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, ватандӯстӣ ва инкишофи фаъолнокии иҷтимоии шаҳрвандон;
- *тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ*, ки ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиию ниҳодии дахлдор оид ба пешгирӣ ва муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ равона шудаанд.

Иштироккунандагони ПЭ бояд объектҳои дахолати профилактикиро дуруст ташхис намуда тавонанд. **Объектҳои дахолати профилактикӣ** – омилҳои манфии фаъолияти ҳаётии гурӯҳҳои алоҳида ё афрод, камбудиҳо дар фаъолияти тарбиявӣ, инчунин қолибҳои (стереотипҳои) фикрӣ ва рафтор мебошанд, ки метавонанд одамонро ба интихоби афкор ва мавқеи шадид тела диҳанд.

Объектҳои мазкур инҳо мебошанд:

- ҷанбаҳои манфӣ дар шароитҳои объективии фаъолияти ҳаётии одамон (сатҳи некуаҳволӣ, шароитҳои манзилию маишӣ, таъмин бо ҷойи кор, шароит барои фароғат ва ғайра);

- камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот оид ба пешгирии экстремизм (нуқсонҳои низоми маориф, хизматрасонии иҷтимоӣ, ташкили муҳоҷирати меҳнатӣ, тарбияи ғоявӣ ва чорабиниҳои оммавӣ – фарҳангӣ, суст будани нақши ВАО, заъфи фаъолият доир ба пешгирии Интернет - экстремизм ва ғайра);
- сатҳи нокифояи шуури ҳуқуқӣ ва тафаккури иҷтимоию ҳуқуқии аҳолӣ ё гурӯҳҳои алоҳида;
- фазои носолим дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва рафтори одамон (дар ҷомеаҳои маҳаллӣ, ҷойи кор, оила, зимни истироҳат ва ғайра).

Шарти муҳими самаранокии тадбирҳои профилактикӣ ин дуруст муайян намудани мақсадҳои ин чорабиниҳо мебошад.

***Мақсадҳои асосии*** тадбирҳои профилактикӣ дар соҳаи ПЭ инҳо мебошанд:
- баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, шуури ҳуқуқӣ, донишҳо ва огоҳмандии аҳолӣ, такмили малакаи рафтори қонунии шаҳрвандон;
- бартараф намудани омилҳои иқтисодию иҷтимоии ба тундгароӣ ва рафтори ғайриқонунии шаҳрвандон мусоидаткунанда, рушду такомули равандҳои мусбати иҷтимоӣ дар ин ҷода;
- аз байн бурдани камбудиҳо дар фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот дар ташкили ПЭ;
- тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ, кумаку дастгирии ҳамдигарӣ, беҳтар намудани фазои муносибат байни инсонҳо ва муттаҳидӣ дар ҷомеаҳои маҳаллӣ;

## 2. Субъектҳои фаъолияти умумипрофилактикӣ: созмондиҳӣ ва ташкили кори онҳо

Субъектҳои фаъолияти умумипрофилактикӣ дар соҳаи ПЭ мақомоти марказию маҳаллии ҳокимияти иҷроия, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла динӣ, мақомоти худидоракунӣ, ВАО, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва шаҳрвандон мебошанд.

Пурзӯр намудани фаъолият дар самти ПЭ анҷом додани амалҳои зеринро тақозо менамояд:
- ҳамоҳангсозии иқдомоти ҳама субъектҳои профилактика дар ин соҳа;
- таъмини ягонагии амалҳои субъектҳои профилактика;
- коркард ва ҷорӣ намудани усулҳои махсусгардониидашудаи пешгирии рӯҳияи экстремистӣ дар бозорҳо, намоишгоҳҳо, осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъшавии доимии одамон;
- такмил додани ташкили кор доир ба фаъолияти профилактикӣ дар ҷомеаҳои маҳаллӣ ва маҳали зисти шаҳрвандон (беҳтар намудани фаъолияти шӯроҳои маҳаллӣ, тақвияти фишангҳои таъсиррасонии он ба ташкили фароғати аҳолӣ, бахусус ҷавонон);
- беҳтар намудани таъмини эҳтиёҷоти мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо иттилоот дар раванди фаъолият доир ба профилактикаи ПЭ ва ғайра.

Мусаллам аст, ки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ки ба ПЭ машғул мебошанд, имконият ва зарфияти дар танҳоӣ таъмин намудани сатҳи дилхоҳи фаъолиятро дар ин соҳа надоранд.

Мавриди зикр аст, ки айни ҳол дар сатҳи ҷаҳонӣ амалияи таъсиси Гурӯҳҳои машваратӣ доир ба профилактикаи экстремизм руи кор омада истодааст.

Вазифаҳои Гурӯҳҳои машваратӣ пешгирии барвақтӣ, ҷорӣ намудани рӯйкарди мутаносиб, ҳавасмандгардонии ваҳдати иҷтимоӣ ва устувории ҷомеаҳои маҳаллӣ дар пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм, инчунин роҳандозӣ намудани фаъолияти муштарак дар самти реинтегратсия ва офиятбахшии ашхоси аз минтақаҳои ҷангзада бозгашта мебошанд.

Гурӯҳҳои машваратӣ аз намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, роҳбарони ҷомеаҳои маҳаллӣ, шахсони обрӯманди анъанавию динӣ, намояндагони ҷавонон, занони фаъол, омӯзгорон, кормандони бахши иҷтимоӣ, инчунин намояндагони воситаҳои ахбори омма иборат мебошанд.

Таъсис додани шабакаи чунин Гурӯҳҳои машваратӣ, бахусус дар сатҳи маҳал дар шароити Тоҷикистон низ муфид ба назар мерасад.

Дар ин росто, баргузор намудани семинар-теренингҳои пайваста бо аъзои Гурӯҳҳои машваратӣ аз ҷониби кормандони Прокуратураи генералӣ, дигар вазорату идораҳо, мутахассисону коршиносон бо дастгирии БРСММ, САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ хеле судманд ба назар мерасад.

Дигар шарти муҳими ташкили самараноки фаъолияти субъектҳои профилактика ин – **банақшагирии фаъолияти онҳо** мебошад

Нақшаҳо бояд ба талабот дар бораи системавӣ будан ҷавобгӯй бошанд, яъне маҷмӯи чорабиниҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ- фарҳангӣ, тарбиявӣ ва дигари дар доираи ваколатҳои субъекти дахлдори профилактика қарордоштаро дар бар гиранд, ки ба коҳиш додани хавфи экстремизм дар муҳити муайян равона шудаанд.

Тадбирҳои ба нақшаи корҳои профилактикӣ шомилшаванда бояд дақиқ, возеҳ ифода шуда, аз лиҳози моддӣ-техникӣ, молиявӣ, кадрӣ ва ғайра воқеан таъминшаванда, ҳамзамон ба талаботи қонун комилан ҷавобгӯ бошанд.

Дақиқ будани чорабинӣ ҳамзамон тақозо менамояд, ки дар матни нақша муҳлати иҷро, натиҷаҳои интизорраванда, ашхос ва ташкилотҳои масъул нишон дода шаванд.

Дар нақшаҳо бояд шароитҳои маҳали дахлдор (шаҳр, деҳот), аз ҷумла динамика ва хусусиятҳои зоҳиршавии амалҳои экстремистӣ, теъдоди шахсони ба ташкилотхои эктремистию террористӣ шомилшуда, ашхоси аз минтақаҳои ҷангзада бозгашта ва ғайра ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоту ташкилотҳои ба ин фаъолият ҷалбшаванда, мувофиқаи шаклхо, мухлат ва макони баргузории тадбирҳои профилактикӣ низ ҷузъи муҳими банақшагирӣ дар ин ҷода маҳсуб меёбанд.

Дар шароити Тоҷикистон, бо дарназардошти мавҷуд будани Нақшаи амалҳои умумидавлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм[14], мувофиқи мақсад

[14] Нақшаи амал оид ба амалисозии Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар назар дошта шудааст.

мебошад, ки дар заминаи он нақшаҳои идоравӣ (дар вазорату идораҳо) ва минтақавӣ (маҳаллӣ) доир ба муқовимат ба экстремизм таҳия ва қабул карда шаванд.

## 3. Хусусиятҳои ташкили фаъолияти умумипрофилактикӣ дар сатҳҳо ва соҳаҳои гуногун

Ба профилактикаи экстремизм ҳама қишрҳои аҳолӣ, бахусус гурӯҳҳои осебпазир ё «гурӯҳҳои хавф» эҳтиёҷ доранд.

Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ ва миллӣ нишон медиҳад, ки рӯйкарди нисбатан самаранок дар ҷодаи муқовимат ба экстремизм ин ба роҳ мондани тадбирҳои профилактикӣ дар сатҳҳои гуногун мебошад. Сатҳҳои мазкур инҳоянд:

1) сатҳи умумидавлатӣ (профилактикаи умумииҷтимоӣ);
2) сатҳи махсусгардонидашуда (профилактикаи ҳадафгиришуда);
3) сатҳи инфиродӣ (профилактикаи инфиродӣ).

*Профилактика дар сатҳи умумидавлатӣ (профилактикаи умумииҷтимоӣ)* фаъолияти ниҳодҳои давлатию ҷамъиятии зинаҳои мухталифро дар бар мегирад, ки ба бартараф намудани омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ, мушкилоти соҳаи маориф, тарбияи ҳуқуқию фарҳангӣ, маънавию ахлоқии аҳолӣ равона гардидаанд, ки метавонанд боиси пайдоиши рӯҳияи экстремистӣ дар ҷомеа гарданд.

Ин чораҳо метавонанд махсус ё истисноан ба пешгирии экстремизм равона нашуда бошанд, вале ба таври объективӣ ба пешгирии он мусоидат менамоянд.

Таҳти *сатҳи махсусгардонидашудаи профилактика (профилактикаи ҳадафгиришуда)* дар Роҳнамои мазкур тадбирҳои иттилоотӣ-фаҳмондадиҳӣ ва огоҳсозӣ дар байни гурӯҳҳои аз ташвиқоти экстремистӣ осебпазири аҳолӣ, ё ба истилоҳ «гурӯҳҳои хавфи баланд» дар назар дошта мешаванд.

*Сатҳи инфиродии профилактика (профилактикаи инфиродӣ)* ашхоси ба ақидаҳо ё рафтори экстремистӣ майлдошта ё ашхоси гузаштаи экстремистидоштаро фаро гирифта, ба фардикунонии корҳои тарбиявӣ, таъсиррасонии профилактикӣ ва баланд бардоштани сатҳи назорати иҷтимоӣ ба рафтори чунин афрод равона мегардад.

### *3.1. Вазифа ва самтҳои профилактика дар сатҳи умумидавлатӣ*

Профилактика дар сатҳи умумидавлатӣ хусусияти умумииҷтимоӣ дошта, ба ғанӣ гардонидани тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва огоҳмандии табақаҳои васеи аҳолӣ, устувори ахлоқию равонӣ ва мизони умумии фарҳангии шаҳрвандон равона мегардад.

Тадбирҳо дар ин ҷода бо истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма (матбуот, радио, телевизион), инчунин синамо, театр, адабиёти бадеӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои муосири иттиллотӣ амалӣ карда мешавад.

Аз ҷумла, дар чаҳорчуби профилактикаи умумии ПЭ зарур аст, ки тадбирҳои зерин роҳандозӣ гарданд:

- ба барномаҳои таҳлилии телевизион дохил намудани мавзӯъҳое, ки ба фаҳмондадиҳии таносуби дунявияти давлат бо озодии виҷдон ва озодфикрӣ, ҷаҳонбинии илмӣ,

дастовардҳои илму техника, кашфиёт дар соҳаҳои селексия, генетика, биотехнология, нанотехнология, таълимоти муосири фалсафӣ ва ғайра равона гардидаанд;
- зиёд намудани миқдори барномаҳои мубоҳисавӣ дар шакли «подиум» ва «мубоҳисаҳо» доир ба масъалаҳои сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, мушкилиҳои иқтисодию фарҳангии ҷомеаи муосир;
- мусоидат ба ташаккули тафаккур ва рафтори таҳаммулпазир, фарҳанги ҳамдигарфаҳмӣ ва ризояти байнимазҳабию динӣ дар ҷомеа;
- таҳия ва пахш намудани филмҳои ҳуҷҷатӣ, видеороликҳо ва барномаҳои радиоӣ дар бораи моҳият ва оқибатҳои экстремизм ва терроризм, додани афзалият ба филмҳое, ки ҷиҳати тақвияти устувории инфиродӣ, ҷамъиятӣ ва миллӣ ба экстремизм ташвиқоти бадбиниро ба фазои мусбат иваз менамоянд;
- дастгирӣ ва мусоидат ба воситаҳои ахбори омма дар зиёд намудани интишорот ва барномаҳое, ки ба фошсозии моҳияти манфии тундгароӣ, инъикоси воқеъбинонаи фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм равона шудаанд;
- мунтазам пахш намудани иттилоот дар бораи ҳолатҳои ошкоршудаи фаъолияти бесуботкунандаи гурӯҳҳои тундрав, платформаи амалҳои онҳо, моҳияти нақшаҳо, минтақаҳои фаъолият, тарзу метдҳои аз ҷониби онҳо истифодашавандаи мағзшӯӣ ва ба фаъолияти экстремистию террористӣ ҷалбкунии шаҳрвандон;
- шарҳи моҳияти экстремизм ва терроризм, фаҳмонидан ва хотиррасон кардани ҷавобгарӣ барои онҳо;
- омода намудан ва намоиш додани барномаҳои театрӣ оид ба оқибатҳои иштирок дар фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ;
- ба чорабиниҳои фарҳангию равшаннамоӣ дар телевизион, воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла матбуот (рӯзномаву маҷаллаҳо) ҷалб намудани зиёиёни эҷодкор, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии иштироки онҳо дар пешгирии экстремизм;
- дар сомонаҳои расмии вазорату идораҳо ҷойгир намудани саҳифаҳои махсуси мунтазам навшаванда доир ба масъалаҳои пешгирии тундгароӣ ва экстремизм.

Баргузор намудани конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинар-тренингҳо ва дигар чорабиниҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ бо иштироки олимону мутахассисон, аҳли зиё, рӯҳониён, ниҳодҳои давлатии масъул ба профилактикаи экстремизм, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин ҷода аҳамияти зиёд дорад.

### *3.2. Тадбирҳои профилактикӣ дар гурӯҳҳои асосии аз таъсири тундгарошавӣ ва экстремизм осебпазир*

Ба гурӯҳҳои осебпазир аз ташвиқоти экстремистӣ вобаста ба синну сол, вазъи иҷтимоӣ, тарзи ҳаёт, дигар сифату хосият ва шароиту авзоъ кӯдакон, наврасон, ҷавонон, занон, одамони танҳо, муҳоҷирини меҳнатӣ, маҳбусон, инчунин шахсони аз лиҳози иҷтимоию иқтисодӣ ба шароитҳои мавҷуда номутобиқ (шахсони дар канормонда) шомил мебошанд.

Аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ ба шароитҳои мавҷуда номутобиқ (маргинализатсияшуда) он табақаҳои аҳолӣ мебошанд, ки ба сохтори нави иқтисодию иҷтимоӣ ва дигаргуниҳои ҳаётӣ одат накардаанд, аз ҷумла муҳоҷирини деҳотӣ дар

шароити шаҳр, бекорон, ашхоси аз муҳоҷирати меҳнатии берунӣ баргашта, собиқ маҳбусон, хатмкунандагони мактабҳои динии хориҷӣ, ашхоси дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ва ғайра.

Чорабиниҳои профилактикӣ бо «гурӯҳҳои осебпазир» аз тадбирҳои умумипрофилактикӣ аз бисёр ҷиҳат фарқ мекунанд.

Аз ҷумла, чорабиниҳо дар ин соҳа ба гурӯҳҳо ва доираҳои муайян равона шудаанд, ҳол он ки чорабиниҳои умумипрофилактикӣ доираҳои васеи аҳолиро фаро мегиранд.

Дар чорабиниҳои умумипрофилактикӣ ҳамаи шахсони хоҳишманд метавонанд иштирок кунанд. Дар чорабиниҳо бо гурӯҳҳои осебпазир бошад, иштироккунандагон (шунавандагон) қаблан муайян, шиносоӣ ва даъват мешаванд.

Хавфи баланди осебпазирӣ аз ташвиқоти экстремистӣ ба муҳити муайян, сифатҳои шахсӣ ва ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ вобаста мебошанд. Дар робита ба ин, тадбирҳои профилактикӣ бо ин гурӯҳи шахсон объекти таъсиррасонии нисбатан муайян ва мушаххас доранд.

> Стигматизатсия аз калимаи юнонии στίγμα – «доғ», «тамға», «доғи нангин задан» гирифта шудааст. Чунин доғ мумкин аст ба ашхоси алоҳида ё ҷамоаҳои комил гузошта шаванд. Мушкилоти стигма дар он аст, ки он ба ташаккули аксари қолибҳои манфӣ ва нанговар бевосита таъсир расонида, дар комёб гардидан ба ҳадафҳои офиятбахшӣ ва реинтегратсия душвориҳоро ба миён меорад.
>
> Гурӯҳҳои стигмашуда, чун қоида аз ҷониби аксарияти аҳолӣ мавриди нобоварию шубҳа қарор гирифта, дар ниҳояти кор мумкин аст мавриди фишори шадиди иҷтимоӣ қарор гиранд.
>
> Аз ин лиҳоз, фавқулодда зарур аст, ки на танҳо ҷиддияти мушкилии стигма дарк карда шавад, балки муносибати иҷтимоии ҷомеаҳои маҳаллӣ ба он тағйир дода шавад. Барои ин зарур аст, ки сатҳи огоҳии аҳолӣ, инчунин таҳкими боварӣ ба гурӯҳҳои стигмашуда баланд бардошта шавад.

Чораҳои таъсиррасонии профилактикӣ низ дар ин соҳа, ба мисли «назорати оила», «назорати рафиқ» ва ғайра, хусусиятҳои нисбии худро доранд.

*Тадбирҳои профилактикӣ дар байни кӯдакон ва ҷавонон*

Ҷавонон, ҳамчун қишри ҳассоси иҷтимоӣ, гурӯҳи асосии аз таъсир ва ташвиқоти экстремизм осебпазир маҳсуб меёбанд.

Дар баробари ин, пешгирии экстремизм дар байни ҷавонон асосан ба предмети фаъолияти умумипрофилактикӣ (умумииҷтимоӣ) марбут мебошад.

Бо тадбирҳои профилактикаи махсусгардонидашуда (ҳадафгиришуда) кӯдакон ва ҷавононе фаро гирифта мешаванд, ки мавқеияти зиндагии онҳо эҳтимолияти мавриди таваҷҷуҳи сохторҳо ва унсурҳои экстремистӣ қарор гирифтани онҳоро ба миён меорад.

Ба ин гурӯҳ мумкин аст кӯдакон ва ҷавонони зерин дохил карда шаванд:

- онҳое, ки ба амалҳои тунд (агрессивӣ) ва бо роҳи зӯроварӣ ҳал намудани баҳсу мушкилиҳо майл дошта, қобилияти худидоракуниашон заиф аст;

- аз лиҳози ақлонӣ нуқсон доранд;
- дар маҳалҳое зиндагӣ мекунанд, ки дар он ҷо ҳолатҳои ҷалбкунии аҳолӣ ба сафҳои ташкилотҳои экстремистию террористӣ, инчунин афзоиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию террористӣ ба қайд гирифта шудааст;
- онҳое, ки дар оилаҳои носолим ё оилаҳое зиндагӣ мекунанд, ки ягон узви онҳо ба фаъолияти экстремистӣ ё террористӣ даст дорад;
- шахсоне, ки ба хотири ба даст овардани таълими ғайрирасмӣ ё пинҳонии динӣ мактабро тарк кардаанд;
- кӯдакони бепарастору беназоратмонда ва ғайра.

Дар робита ба ин, қабл аз оғози тадбирҳои профилактикӣ дар муҳити мазкур ҳалли масъалаҳои зерин лозим меояд:
- муайян намудани ҳудудҳои (ноҳияҳо, шаҳрҳо, деҳаҳо, маҳаллаҳои) дорои хавфи баланди паҳншавии рӯҳияи экстремистӣ ва гурӯҳҳои ҷавонони аз ташвиқоти экстремистӣ осебпазир;
- муайян намудани шахсоне, ки рафторашон аз эҳтимолияти даст задани онҳо ба амалҳои экстремистӣ гувоҳӣ медиҳад.

Тадбирҳои профилактикӣ аз натиҷаи омӯзиш бояд инҳоро дар бар гиранд:
- дар ҳудудҳои муайяншуда ва муҳити иҷтимоӣ ошкор ва бартараф намудани шароитҳое, ки бевосита содиршавии амалҳои экстремистиро таҳрик менамоянд;
- инкишоф додани кумаки равоншиносӣ дар мактабҳо (машваратдиҳӣ ба кӯдакон ва ҳамоҳангсозии кори ҳайати омӯзгорон);
- гузаронидани суҳбат бо волидони ҷавонони тамоюли тундравидошта, огоҳонидани онҳо аз нораво будани вайронкунии талаботи қонун;
- ба ашхоси майли экстремистидошта ва дар ҳолати зарурат ба наздикони онҳо расонидани таъсири боздоранда ва ислоҳкунанда;
- истифодаи робитаҳои дӯстона ва хешутаборӣ ҷиҳати таъсиррасонӣ ба ҷавонони тундрав («назорати оила» ва «назорати рафиқ»).

Бо дарназардошти ҳассосияти зиёд ва осебпазири кӯдакону наврасон аз чораҳои сахти таъсиррасонӣ, нисбат ба онҳо бояд аз тадбирҳои «нарм», ки ба тағйирдиҳии тадриҷии муҳит ва шахсият равона шудаанд, истифода гардад.

Иштироккунандагони ПЭ бояд дар назар дошта бошанд, ки муносибати инсондӯстона, риояи ҳуқуқҳо, кумаки оилавӣ ва рӯйкарди инфиродӣ бо ҳар як ноболиғи ба мавқияти мураккаби ҳаёти дучоршуда аз шартҳои муҳими корҳои профилактикӣ бо кӯдакону наврасон маҳсуб мeёбанд.

Ҳадафҳои профилактика дар ин ҷода мусоидат ба рушди ҷисмонӣ, фикрӣ, равонӣ ва ахлоқии кӯдакон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва сулҳҷӯӣ, инчунин такомули шахсияти кӯдак дар ҳамгироӣ бо манфиатҳои ҷомеа, аъанаҳои давлат, дастовардҳои фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошанд.

Аз ташвиқоти экремистӣ бахусус *ҷавонони дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарордошта* бештар осебпазир мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки аксарияти шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар задухӯрдҳои мусаллаҳонаи ҳудуди Ироқ ва Сурия дар сафҳои ташкилотҳои террористӣ ширкат варзидаанд, зимни дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштанашон ба сафи ин ташкилотҳо ҷазб гардидаанд.

Таҳти таъсири ташвиқоти ташкилотҳои экстремистию террористии дар хориҷи кишвар қарордошта имрӯзҳо низ афзоиши нисбии тундгароӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ба назар мерасад.

Дар ин ҷода таъсири камбудиҳо дар ташкили муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва эмин доштани онҳо аз таъсири гурӯҳҳои экстремистӣ дар кишварҳои будубош, амиқ гардидани мушкилиҳои иҷтимоӣ дар оилаҳои муҳоҷирон, аз ҷумла оилаҳои тарккардашуда, мушкилии нигоҳубин ва тарбияи кӯдакон дар шароити оилаи нопурра ба назар мерасад.

Дар робита ба ин, бо Стратегияи миллӣ оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025 дар ин самт вазифаҳои зерин пешбинӣ гардидаанд:

- такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, беҳтар намудани сифати омодасозии томуҳоҷиратӣ, мусоидат ба беҳтар намудани шароитҳои будубош ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;
- пешгирии ҷазбкунонии муҳоҷирони меҳнатӣ ба сафи ташкилотҳои экстремистию террористӣ дар кишварҳое, ки ба онҳо шуғл пешниҳод намудааст;
- бартараф намудани омилҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии афзоиши шиддати иҷтимоӣ дар заминаи бозгашти муҳоҷирати меҳнатӣ.

Профилактикаи экстремизм дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ инчунин истифодаи густурдатар ва мақсадноки шабакаҳои иҷтимоӣ, нуфузи диаспораҳои тоҷик, назорати фосилавии волидон (оила), ҷустуҷӯи роҳҳои нав ва боз ҳам самараноктари таъсиррасонии профилактикиро тақозо менамояд.

*Профилактикаи экстремизм дар байни занон*

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бар асари нокифоя будани фаъолнокии иқтисодию иҷтимоии баъзе занон, дигар сабабу омилҳои айниву зеҳнӣ дар бисёр ҳолатҳо занон низ қурбонии ташвиқоти экстремистӣ мегарданд.

Дар ин росто қолибҳои (стереопипҳои) куҳнаи иҷтимоӣ низ таъсир дошта, бар асари он дар баъзе ҳолатҳо занон аз эҳсоси ҳамдилӣ бо шавҳар ё бародарони худ, ки шомили ташкилотҳои экстремистию террористӣ гардидаанд, ба ин ташкилотҳо мепайванданд.

Ҳамзамон баъзе ҷавонзанон ва духтарон аз андоза зиёд зудбовар ва таъсирпазир буда, ҳиссиёти худмуҳофизаткунӣ, эҳсоси хатар ва эҳтиёткории нокифоя дар ҳолати таҳоҷуми экстремистӣ доранд, ки ин осебпазирии онҳоро аз ташвиқоти экстремистӣ меафзояд.

Ба доми ташкилотҳои террористӣ инчунин бештар занони бадбахт, танҳо ва бо хешовандону атрофиёнашон мушкилидошта гирифтор мегарданд.

Профилактикаи экстремизм дар байни занон, ба монанди ҷавонон, маҷмӯан дар чаҳорчӯби профилактикаи умумииҷтимоӣ роҳандозӣ карда мешавад.

Аз ҷумла, ҷиҳати баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоӣ ва нақши занон дар ҳаёти ҷомеа амалҳои зерин тавсия дода мешаванд:

- якҷоя бо ҷомеаи шаҳрвандӣ бо занон гузаронидани чорабиниҳо оид ба омӯзонидани таърихи фарҳанг, дин ва сиёсат ҷиҳати кумак ба дарки нодурустии назарияҳои экстремистӣ;
- фароҳам овардани шароитҳои баробар барои худамалисозии занон дар тамоми соҳаҳо, баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоӣ ва нақши занон дар ҷомеа, инчунин таъмини баробарҳуқуқии занон ва мардон дар муносибатҳои оилавӣ;
- баланд бардоштани нақши шӯроҳои занон ва занон-фаъолони ҷомеаҳои маҳаллӣ, бахусус дар деҳот вобаста ба пешбурди корҳои огоҳсозӣ аз тундгароӣ ва экстремизм дар байни занон;
- гузаронидани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани донишҳои ҷавонзанон ва духтарони ноболиғ доир ба чораҳои худмуҳофизаткунӣ, эҳтиёткорӣ дар муошират бо атрофиён, вокуниш ба таҳоҷуми экстремистӣ.

Ҷиҳати ба роҳ мондани профилактикаи махсусгардонидашуда (ҳадафгиришуда) зарур аст, ки доираи мушаххаси заноне, ки аз рӯи нишонаҳои дар поён овардашуда ба «гурӯҳи бештар осебпазир» меафтанд, муайян карда шаванд.

Чуноне ки қайд карда шуд, таҳти хавфи зиёди осебпазирӣ аз ташвиқоти экстремистӣ инҳо қарор доранд:

- занони сокини маҳалҳое, ки дар он ҷо ҳолатҳои ҷалбкунии аҳолӣ ба сафҳои ташкилотҳои экстремистию террористӣ, инчунин афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта ба назар мерасад;
- заноне, ки дар ҳайати оилаашон шахсони ба фаъолияти экстремистию террористӣ дастдошта мавҷуданд;
- занони бадбахт, танҳо ва бо хешовандону атрофиёнашон мушкилидошта;
- ҷавонзанон ва духтарони аз андоза зиёд зудбовар, таъсирпазир ва аз лиҳози фикрию ақлонӣ суст инкишофёфта.

Тадбирҳои профилактикӣ бо занони ба гурӯҳи мазкур дохилшаванда бояд ба тағйир додани муҳити иҷтимоӣ, бартараф намудани омилҳои ба вобастагии равонии онҳо аз мардон равонашуда, омӯзонидани малакаи комёб шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва таҷрибаи ҳалли мушкилоти рухдиҳанда равона карда шаванд.

Дар ин маврид истифодаи чунин методҳо аз қабили суҳбати профилактикии дорои хусусияти иттилоотию машваратдиҳӣ, мушоҳида, огоҳкунонӣ аз ҷавобгарӣ барои экстремизм, дахолати профилактикӣ ва тренингҳои профилактикӣ мувофиқи мақсад аст.

# БОБИ III. ОФИЯТБАХШӢ ВА РЕИНТЕГРАТСИЯИ БОЗГАШТАГОН (ОРБ)

## 1. Моҳияти ОРБ, заминаҳои ҳуқуқӣ, иштироккунандагон, мавқеъгирӣ ва барномарезӣ

### *1.1. Вазифаҳо ва таърифҳо*

Бозгашти ҷангҷӯён-террористҳо ва аъзои оилаи онҳо аз минтақаҳои ҷангзадаи Сурия, Ироқ ва дигар кишварҳо татбиқи чораҳои маҷмӯиро доир ба реинтегратсия ва офиятбахшии онҳо тақозо менамояд.

Дар соли 2015 Ҳукумати Тоҷикистон ба шаҳрвандоне пешниҳоди авф кард, ки ихтиёран аз минтақаҳои ҷангзада ба ватан бармегарданд ва аз хушунат даст мекашанд. Дар Иловаҳо ба моддаи 401 (эзоҳи 1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2015 гуфта мешавад, ки шахсе, ки ихтиёран аз иштирок дар гурӯҳҳои мусаллаҳ дар қаламарви кишварҳои дигар то замони қатъи фаъолияти гурӯҳи мусаллаҳ даст мекашад, аз ҷавобгарии ҷиноӣ озод карда мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баргардонидани занону кӯдакон аз минтақаҳои ҷангзада таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, соли 2019 аз ин манотиқ дар маҷмӯъ 300 нафар, аз ҷумла 84 нафар ноболиғ баргардонида шуданд.

Дар идомаи ҳамин раванд, моҳи майи соли 2022 аз кишвари Сурия боз 146 нафар, аз ҷумла 42 нафар зан ва 104 нафар кӯдаку навраси синашон аз 2 то 18 сола ба ватан баргардонида шуданд. Ҷиҳати пурра муайян намудан ва баргардонидани боқимонда занону кӯдакон аз минтақаҳои ҷангзада чораҳо андешида шуда истодаанд.

Ҳолатҳои мазкур зарурати таҳия ва татбиқи барномаҳои самараноки офиятбахшӣ ва барқароркунии бозгаштагон, инчунин ҳамкории зичи байни субъектҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро дар ин ҷода ба миён овардаанд.

Чуноне ки қаблан қайд гардид, офиятбахшӣ ва реинтегратсияи бозгаштагон (ОРБ) раванди солим гардонидан, аз экстремизм, даст кашидан ва аз нав ба ҷомеа баргаштани инсонро дорад[15].

*Офиятбахшӣ (реабилитатсия)* – ин маҷмӯи чорабиниҳое мебошад, ба барқарор намудани ҳуқуқҳо, мақом, саломатӣ, таҳсилот ё омодагии касбӣ, қобилияти амали шахс дар назари худ ва атрофиён, ҳамзамон барқарор намудани равобит ва муносибатҳои вайроншуда ё аз даст додаи ҷамъиятӣ, сифатҳо, хусусият ва имкониятҳои аз лиҳози иҷтимоӣ ва шахсӣ аҳамиятдори шахс (бозгашта) равона шудааст.

*Регинтегратсия* маънии онро дорад, ки инсон метавонад дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ширкат дошта бошад. Он метавонад силсилаи иқдомотеро дар бар гирад, ки дар як вақт аз ҷониби субъектҳои зиёд аз бахшҳои мухталиф ба манфиати

[15] International Civil Society Action Network (ICAN) and the United Nations Development Program (UNDP). Invisible Women: Gender Dimensions of Return, Rehabilitation and Reintegration after Violent Extremism. New York, 2019. p. 29. https://icanpeacework.org/wp-content/uploads/2019/02/ICAN-UNDP-Rehabilitation-Reintegration-Invisible-Women-Report-2019.pdf (Шабакаи байналмилалии амалҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ICAN) ва Барномаи рушди СММ. Занҳои ноаён: Чанбаҳои гендерии бозгаштан, офиятбахшӣ ва реинтегратсия пас аз экстремизми хушунатомез).

инсон ва ҷомеаи қабулкунанда дар марҳилаҳои гуногуни раванди реинтегратсия анҷом дода мешаванд (дастгирии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, кумак барои гирифтани таҳсилот ё касбомӯзӣ, дастгирии равонӣ-иҷтимоӣ, кумаки мазҳабӣ, ғоявӣ ва ғайра).

Реинтегратсияӣ иштироки пурраи доираҳои васеи сохторҳои манфиатдор ва худи ҷомеаро талаб менамояд. Ба он мумкин аст намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимият, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шахсони бонуфузи маҳаллӣ, муассисаҳои кумаки равоншиносию – иҷтимоӣ, санъат, варзиш, фарҳанг ва ВАО шомил шаванд.

### *1.2. Чаҳорчӯби ҳуқуқӣ, ҷанбаҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадам*

Масоили ташкил ва вазифаҳои давлат дар соҳаи ОРБ бо як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ танзим мегарданд.

Қатъномаи Шӯрои амнияти СММ 2178 (2014) дар бораи ҷангҷӯён-террористҳои хориҷӣ (ҶТХ) талаб менамояд, ки давлатҳои узв ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҷазбкунӣ (мағзшӯӣ) ва ташкили сафари шахсоне, ки ҷиҳати анҷом додани амалҳои террористӣ майли сафарро доранд, чораандешӣ намоянд. Қатънома ҳамзамон давлатҳоро вазифадор менамояд, ки тундгарошавии собиқ террористҳоро пешгирӣ намуда, ҷангҷӯён-террористҳои хориҷии бозгаштаро мавриди таъқиб, офиятбахшӣ ва реинтегратсия қарор диҳанд.[16]

Тадбирҳо ҷиҳати офиятбахшӣ ва реинтегратсия дар робита бо ҳуқуқҳои инсон мебояд ҷузъи заминаҳои маҷмӯии ҳуқуқию сиёсии миллиро, ки ба мубориза бо экстремизм ва терроризм равона шудаанд, ташкил диҳанд.

Ин тадбирҳо бояд равшан нишон диҳанд, ки ҳуқуқи дастгирӣ (дахолат) дар соҳаи ОРБ-ро киҳо доранд ва аз кадом намуди дастгирӣ (дахолат) метавонанд бархӯрдор бошанд. Муҳим аст, ки сиёсат дар ин ҷода шаффоф ва марому тасмимҳо дар мавриди аҳдоф ва таркиби барномаҳои ОРБ дақиқ бошанд, мунтазам аз нигоҳи мутобиқати пурра ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон арзёбӣ гарданд.

САҲА ба давлатҳо тавсия медиҳад, ки барномаҳои инфиродии реинтегратсия ва офиятбахшии бозгаштагон ва дигар ашхоси ба фаъолияти экстремистӣ ҷалбшударо дар мувофиқат ба ҳуқуқҳои инсон ва бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ коркард ва ҷорӣ намуда, ин барномаҳо бояд:

- ба арзёбии инфиродии хавфҳо ва эҳтиёҷот асос ёфта, дар қатори дигар омилҳо ангезаҳои шахсӣ, хусусият ва дараҷаи иштироки онҳоро дар хушунат ва эҳтимолияти зиёнеро, ки худи онҳо бардоштанд, дар назар дошта бошанд;
- ба чорабиниҳои густурдаи маҷмӯие, ки дар чаҳорчуби ВЕРЛТ (Барномаи «Экстремизми хушунатомез ва тундгароии ба терроризмбаранда») амалӣ мегарданд, зич пайваст бошанд. [17]

Дар Тоҷикистон заминаҳои маҷмӯии ҳуқуқӣ ва стратегии муқовимат ба экстремизм в терроризм таҳия ва тасдиқ карда шудаанд.

---

[16] The UN Security Council Resolution #2178 (2014) on foreign terrorist fighters, September 24, 2014 S/RES/2178(2014), S/RES/2178: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N14/547/98/PDF/N1454798.pdf?OpenElement (Қатъномаи Шӯрои амнияти СММ 2178 (2014) дар бораи ҷангҷӯён- террористҳои хориҷӣ)

[17] OSCE/ODIHR, Handbook on Addressing Threats and Challenges from Foreign Terrorist Fighters, Warsaw, 2018, pp. 53 https://www.osce.org/odihr/393503 (САҲА/ДНДҲБ Роҳнамо доир ба муқовимат ба таҳдидҳо ва чолишҳо аз ҷониби ҷангҷӯён- террористҳои хориҷӣ).

Дар Роҳнамои барои сиёсатмадорон ва кормандони амалӣ дар Аврупои Ҷанубу Шарқӣ бахшидаи худ, САҲА ба ҳукуматҳо тавсия додааст, ки принсипҳои роҳбарикунандаи баланд бардоштани самаранокии ОРБ-ро, ки ба маҳрумкунӣ аз озодӣ вобаста набуда, дар қатори дигар омилҳо масоили зеринро дар бар мегиранд, таҳия намоянд:

- ба мақсадҳои барномаҳо ё даҳолат равшанӣ андохта, вазифаҳо ва расмиятҳоеро, ки ба хотири шаффофият бояд риоя карда шаванд, нишон диҳанд;
- нақш ва уҳдадориҳои сохторҳои сершумори манфиатдоре, ки ба фаъолият дар соҳаи ОРБ ҷалб шудаанд (ҳам аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳам аз ҷониби ҳукумат) дақиқ намоянд;
- зарурияти даҳолатҳо ва хизматрасониҳои гуногунро ҷиҳати таъмини эҳтиёҷот ва осебпазирии равонӣ-иҷтимоӣ, амалӣ ва дигар ниёзмандиҳои мардон ва занону кӯдакон, ки метавонанд аз чунин барномаҳо истифода намоянд, қайд (таъкид) намоянд;
- дар барномаҳое, ки то давраи озодшавӣ амалӣ карда мешаванд, зарурати таъмини шароитҳои нигоҳдорӣ ва ба талаботи ҳуқуқҳои инсон ҷавобгӯй будани онҳо ҳамчун заминаи оғози марҳилаиислоҳшавӣ ва идома ёфтани он баъди озодшавӣ таъкид карда шавад;
- мубодилаи иттилоот байни субъектҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, ки дар ин барномаҳо ширкат меварзанд таъмин карда, дар ин раванд ҳуқуқи дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва дигар ҳуқуқҳои инсон ҳифз ва бо кадом асосҳо имконпазир будани интиқоли чунин иттилоот ба мақомоти полис, кашф ва амният, ҷиҳати пешгирии пайдоиши нобоварӣ байни баҳрагиранда (бенефитсиар) ва субъекти ОРБ, дақиқ карда шавад*.

Мати пурраи роҳнамо дар at https://www.osce.org/secretariat/444838 дастрас аст.

Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025 ба таҷриба ва сабақҳои татбиқи Стратегияи миллии муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 асос ёфтааст. Дар он ҳадафҳои тақвияти механизмҳои офиятбахшӣ ва реинтегратсия дар радифи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин уҳдадориҳои байналмилалии он дар соҳаи ҳуқуқи инсон, инъикос ёфтааст.[18]

### *1.3. Иштироккунандагони ОРБ*

Барои татбиқи барномаҳои муассири ОРБ кӯшишҳои якҷояи мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ғайриҳукуматӣ зарур аст. Расидан ба ин ҳадаф маънии созмон додани қолибҳои ҳуқуқию сиёсиеро дорад, ки вазифа ва уҳдадориҳои субъектҳои мухталифро

[18] Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

равшан намуда, ҳамзамон ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар доираи ин қолибҳо озодона ва бидуни хатар амал намоянд.[19]

Ниҳодҳои давлатии дар муқовимат бо терроризм ширкаткунанда таърихан ба бахши амният, аз ҷумла адолати судии ҷиноӣ ва милитсия мансуб мебошанд. ПЭ ва ОРБ инчунин саҳмгузории дигар бахшҳои давлатӣ ба монанди соҳаи тиб ва маорифро низ тақозо менамоянд. «Бархӯрди бисёртарафа» ё дастаҷамъӣ ҳамзамон иштироки сохторҳои ғайриҳукуматӣ ба шумули ҷомеаи шаҳрвандӣ (аз ҷумла, ҷомеаҳои маҳаллӣ, оилаҳо) ва ВАО-ро талаб менамояд.[20]

Дар баъзе кишварҳо механизмҳои азнавҷобаҷокунии ПЭ созмон дода шудаанд, ки ба коркард ва амалӣ намудани тадбирҳо вобаста ба дар ҳолатҳое машғуланд, ки шахс (одамон) аз экстремизм пуштибонӣ ё дар он иштирок дошта, вале ҳанӯз кирдори ҷиноияткорона содир накардаанд. Ин механизмҳо асосан аз мақомоти давлатӣ ё маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони соҳаи тиб, маориф, ҷавонон, фарҳанг ва дар баъзе ҳолатҳо милитсия ва муассисаҳои ислоҳӣ иборат мебошанд.[21]

Офиятбахшӣ ва реинтегратсияи ба маҳрумӣ аз озодӣ вобастанабуда низ, ба мисли барномаҳои байнисоҳавии ба дахолати тоҷиноятӣ равонашуда, иштироки субъектҳои сершумори дар ҳамоҳангӣ фаъолияткунандаро ҷиҳати ноил гардидан ба реинтегратсияи устувори ашхоси ба экстремизм ҷалбгардида ё ба чунин гурӯҳҳо робитадошта тақозо менамояд.

Айни ҳол зарурати таҳкими боварӣ байни ниҳодҳои давлатию ғайридавлатӣ ба назар мерасад. Ҳама сохторҳои манфиатдор омодагии худро ба роҳандозӣ намудани шабакаҳои мунтазами робитаи байниҳамдигарӣ баён намуда бошанд ҳам ин ниятҳо ҳанӯз пурра амалӣ нагардидаанд. Ташаббусҳои мушаххас дар ин ҷода метавонанд семинару тренингҳоро вобаста ба таҳкими эътимоду боварӣ байни ниҳодҳои мазкур, инчунин доир ба истифодаи донишу малакаи созмонҳои ҷавонон ва занони дорои таҷриба дар чунин мавзӯъҳо аз қабили принсипи «зиён нарасон» дар бар гиранд.[22]

### *1.4. Бархӯрдҳо дар самти ОРБ*

*Риояи ҳуқуқҳои инсон*

Риояи ҳуқуқҳои инсон аз муҳимтарин  бархӯрдҳо дар соҳаи ОРБ маҳсуб меёбад.

Таъмини риояи ҳуқуқҳои инсон на танҳо уҳдадории давлат аз рӯи ҳуқуқи байналмилалӣ, балки воситаи муҳим ва самараноки пешгирии тундравӣ ва гаравидани шахс ба экстремизми хушунатомез низ маҳсуб меёбад. Мутаносиб ба ин, поймолкунии

---

[19] OSCE - Non-Custodial Rehabilitation and Reintegration p. 85 (САҲА. Офиятбахшӣ ва барқарорсозии ба маҳрумӣ аз озодӣ вобастанабуда)

[20] OSCE - Preventing Terrorism and Countering Violent Extremism and Radicalization that Lead to Terrorism: A Community Outreach Approach. pp. 70-71 (САҲА. Пешгирии терроризм ва муқовимат ба экстремизми хушаномез ва тундгароии батерроризмбаранд а: Шеваи кор бо аҳолӣ)

[21] For proper understanding of how this process works, see OSCE, “Understanding Referral Mechanisms in P/CVERLT, Overcoming Challenges and Protecting Human Rights”. A Country Guide for Southeastern Europe (Ҷиҳати дарки пурраи чӣ гуна сурат гирифтани ин раванд ниг. ҳуҷҷати САҲА "Дарки механизми интиқоли парвандаҳо ба P/CVERLT, Рафъи мушкилот ва ҳифзи ҳуқуқи инсон. Роҳнамо барои Аврупои Ҷанубу-Шарқӣ).

[22] Зимни машваратҳо бо тарафҳои манфиатдор, ки аз моҳи ноябри соли 2021 то январи соли 2022 дар Тоҷикистон баргузор гардиданд, тавсияҳо оид ба таҳкими чунин ҳамкориҳо дар ҳамаи бахшҳо садо доданд.

ҳуқуқҳои шахс ва озодиҳои шаҳрвандӣ метавонад роҳро барои ташаккули афкори экстремистӣ ҳамвор намояд.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҳама гуна тадбирҳо доир ба пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм ва терроризм қатъан дар доираи қонун ва ҳуқуқи инсон анҷом дода шаванд.

Тибқи Нақшаи амалҳои СММ доир ба пешгирии экстремизми хушунатомез: «Вақте, ки ҳукуматҳо меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалиро оид ба ҳуқуқи инсон мепазиранд, ба идоракунии самаранок мусоидат менамоянд, волоияти қонунро дастгирӣ ва коррупсияро аз байн мебаранд, бо ин амалҳояшон барои ҷомеаи шаҳрвандӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ҷаззобияти экстремизми хушунатомезро коҳиш медиҳанд.[23]

Шурӯъ аз Қатъномаи Шӯрои амнияти СММ 1456 (2003) ва қатъномаҳои дахлдори баъдина вобаста ба муқовимат ба терроризм ва экстремизми хушунатомез, давлатҳо вазифадор карда шуданд, ки ҳама кӯшишҳои худро дар ин самт дар мутобиқат бо ҳуқуқи байналмилалӣ анҷом диҳанд. Шӯрои амнияти СММ зуд зуд таъкид менамояд, ки чораҳои зиддитеррористӣ бояд ба ҳуқуқи инсон, озодиҳои асосӣ ва волоияти қонун эҳтиром гузоранд, зеро онҳо ҷузъҳои ҳамдигарро пурракунандаи сиёсати оқилона дар соҳаи амният мебошанд. Риоя накардани ин тавсияҳо метавонад вазъи осебпазир ва норозигиҳоро ба миён оварда, экстремистҳои тундрави ҷангҷуй аз онҳо истифода намоянд.[24]

Як қатор ниҳодҳои байналмилалӣ, аз ҷумла САҲА ва Форуми зиддитеррористии глобалӣ (ФЗТГ) муайян кардаанд, ки барномаҳои ҳуқуқҳои инсонро эҳтиромкунанда ва пешбарандаи ОРБ, устувории ҷомеаҳоро дар пешорӯи экстремизм тақвият бахшида, ҳамзамон ба пешгирии хушунати иловагӣ аз ҷониби ашхоси ҷалбшуда кумак менамоянд.

Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025 таҳкими ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои шаҳрвандиро дар раванди амалисозии иқдомот доир ба мубориза бо терроризм бевосита таъкид ва уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистонро дар соҳаи ҳуқуқи инсон эътироф менамояд.

Ин амр ҳам имкон ва ҳам уҳдадории ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва таҷрибаи пешқадам мутобиқ кунонидани чорабиниҳоро дар соҳаи ПЭ ва ОРБ, ҷиҳати тақвияти вокуниши миллӣ ба проблемаи реинтегратсияи бозгаштагон ва экстремистҳои собиқ ба миён меорад.

*Рӯйкардҳо бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва гендерӣ*

Бо дарназардошти оқибатҳои тахрибкоронаи терроризм ва экстремизм барои занон, давлатҳо вазифадоранд зимни иқдомоти худ дар муқовимат ба ин зуҳурот ба

[23] The UN PVE Action Plan, page 15. (Нақшаи амалҳои СММ доир ба муковимат ба экстремизми хушунатомез).

[24] The UN Council Counter-Terrorism Committee Executive Directorate, Human Rights Fact Sheet: https://www.un.org/securitycouncil/ctc/sites/www.un.org.securitycouncil.ctc/files/ctc_cted_factsheet_human_rights_oct_2021.pdf (Директорати иҷроияи Кумитаи зиддитеррористии Шӯрои амнияти СММ, Бюлетени иттилоотӣ доир ба ҳуқуқҳои инсон):

ҳуқуқҳои занон, баробарии занону мардон, манъи табъиз ва зӯроварии гендерӣ нисбат ба занон диққати аввалиндарача диханд.[25]

*Гендер* тибқи асноди СММ «ба нишонаҳо ва имкониятҳои марбут ба ҷинс (мард ё зан), муносибатҳо байни занон ва мардон, духтарон ва писарон, инчунин муносибатҳо байни занон ва мардон вобаста аст». Бинобар хусусияти иҷтимоӣ доштани ин нишонаҳо, имкониятҳо ва муносибатҳо онҳо вобаста ба вазъи ҷуғрофӣ, фарҳанг ва замон метавонанд гуногунранг ва тағйирёбанда бошанд. Онҳо арзишҳои муайян ва интизориҳои одамонро ба монанди рафтор, ухдадориҳои иҷтимоӣ, дастрасӣ ба захираҳо ва ғайра муайян мекунанд.[26]

Гендер, ба мисли синну сол, дараҷаи камбизоатӣ, табақа, мансубияти қавмӣ, нажод ва ғайра бояд дар барномаҳои ПЭ ва ОРБ ба инобат гирифта шавад. Гендер ҷузъи таҷрибаи шахсии бозгаштагон, инчунин эҳтиёҷоти махсус ва осебпазирии онҳо дар ҷараёни ОРБ маҳуб меёбад.

Ду стратегияи пешбурди баробарии гендерӣ ва бартараф намудани ҳама намудҳои табъиз вобаста ба ҷинс ва гендер – *тақвияти огоҳмандии гендерӣ ва ҷорӣ намудани рӯйкарди гендерӣ* мавҷуд мебошанд.[27]

Тақвияти баробарӣ ва гуногунрангӣ дар ҳаёти ҷомеа имкон медиҳад, ки нисбат ба ҳама масъалаҳо, аз ҷумла масоили иҷтимоӣ ва амниятӣ афкори мутавозин ба миён оварда шавад. Масалан, занҳоро аз бахшҳои гуногун ба таҳия ва амалӣ намудани барномаҳо дар соҳаи ПЭ ва ОРБ ҷалб намуда, ҷомеаҳо метавонанд ба ҳалли аз лиҳози гендерӣ муҳим ва саривақтии ин масъалаҳо муваффақ гарданд.

*Огоҳмандии гендерӣ* ба «қобилияти шинохти ҷомеа аз нигоҳи нақшҳои гендерӣ (…)» марбут аст.[28] Ин маънӣ дарки онро дар бар мегирад, ки чӣ гуна одамон эҳтиёҷоти мухталифе доранд, ки ба он таҷрибаи гендерии азсаргузаронидаашон, аз ҷумла интизориҳои иҷтимоӣ нисбати нақшҳо, рафтор ва ухдадориҳое, ки дар натиҷаи таваллуд шудан ҳамчун мард ё зан пайдо мешаванд, таъсир мерасонад.[29]

*Рӯйкарди гендерӣ (Гендерный подход)* – ин стратегияе мебошад, ки дар он дурнамои гендерӣ ба консептуаликунонӣ, коркард, маблағгузорӣ ва татбиқи ҳама ҷузъҳо, шурӯъ аз сиёсат то таҳияи буҷет ва татбиқи фаъолияти барномавӣ шомил карда мешавад. Ин танҳо як эътирофи муқаррарии он нест, ки гендер омили одамон ва таҷрибаи онҳоро аз ҳам фарққунанда аст, балки амалҳои фаъолест, ки барои ноил шудан ба баробарии воқеии гендерӣ равона шудааст. Чи тавре, ки Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ қайд менамояд, зарур аст, ки рӯйкардҳои аз лиҳози генердерӣ ҳассос ва аз лиҳози гендерӣ масъули мубориза бо терроризм, аз ҷумла дар низоми адолати судии ҷиноятӣ таъмин карда шаванд. Он мутобиқ намудани амалия, муносибатҳо, маҳоратҳо ва ҳайати гендерии гурӯҳи хизматрасонро тақозо менамояд.

---

[25] Handbook on Gender Aspects of Criminal Justice Responses to Terrorism, UNODC 2019, p. 8.
(Дастур оид ба ҷанбаҳои гендерии вокунишҳои адолати судии ҷиноӣ ба терроризм, Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ)

[26] UN Women, Concepts and Definitions:
https://www.un.org/womenwatch/osagi/conceptsandefinitions.htm (СММ-Занон. Консепсияҳо ва мафҳумҳо)

[27] САҲА.

[28] European Institute for Gender Equality, Glossary and Thesaurus:
https://eige.europa.eu/thesaurus/terms/1147 (Донишкадаи баробарии гендерии Аврупо. Глоссарий ва тезаурус)

[29] Мавриди зикр аст, ки гендер мафҳуми аз лиҳози иҷтимоӣ сохташаванда буда, ба ғайр аз дугунагии маъруфи «мард- зан» боз айниятҳои зиёди иҷтимоии дигар низ мавҷуданд.

Нобаробарии мавҷудаи мардон ва занон дар ҷомеа, ваколатҳои нобаробари маъмурӣ (ҳокимиятӣ), стереотипҳои гендерӣ, ба нақшҳои гендерӣ изофа намудани мақом ва арзишҳои мухталиф ба тарзи кори ниҳодҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳо ногузир таъсир мерасонанд. Аз ин лиҳоз, тақвияти огоҳмандӣ ва зарфиятҳои кормандони низоми адолати судии ҷиноятӣ, инчунин субъектҳои ба таъминоти амният вобастанабудаи дар ПЭ ва ОРБ иштироккунанда имкон медиҳад, ки ҳама гуна фарқиятҳо дар муносибат бо бозгаштагон, новобаста аз ҷинсашон мулоимтар карда шаванд.[30]

Ба занон ва мардон, новобаста аз он, ки онҳо ҷинояткоранд ё шоҳид, экстремизм таъсири гуногун дорад. Бахусус занон ва духтарони ба гурӯҳҳои экстремистӣ алоқаманд, баъзан ба саргузаштҳое мувоҷеҳ мегарданд, ки ба мафҳумҳои маъмули «қурбонӣ» ё «ҷинояткор» рост намеоянд. Онҳо метавонанд нақшҳои гуногун ба монанди «иҷрокунандагон, ҷалбкунанда, ёридиҳандагон ё ҷонибдорони ғоявӣ ё иқтисодӣ баромад намоянд». Онҳо ҳамзамон метавонанд бо сабаби алоқаи хешовандӣ бо як ё якчанд узви ин гурӯҳҳо ба онҳо шомил шуда бошанд.[31]

Ҳамин гуна, ангезаҳо ва таҷрибаи иштироки мардон низ дар экстремизми хушунатомез на ҳамеша метавон ба категорияи қурбонӣ ё ҷинояткорон рост ояд. Таҷрибаи гендерии онҳо метавонад инчунин ба муносибати давлат ва дигар субъектҳои ПЭ нисбат ба иштироки онҳо дар экстремизм таъсир расонад. Занон ва мардон бояд дар вокуниш ба таҳдидҳое, ки аз экстремизм ё терроризм бармеоянд, нақши фаъол дошта бошанд. Хеле зарур аст, ки занон дар ҳама бахшҳо дар татбиқи барномаҳои соҳаи ПЭ иштироки назаррас дошта бошанд.

Баъзеҳо бар онанд, ки занон асосан дар пайравӣ аз шавҳарон ва дигар аъзои оила ба экстремистҳо мепайванданд. Дар асл воқеият мумкин аст гуногун бошад ва баъзеи онҳо шояд аз эҳсоси танҳоӣ дар ҷомеаи маҳаллии худ ё бар асари ташаббускорона пазируфтани ғояҳо ва афкори экстремистӣ ба он роҳ рафта бошанд.[32]

Дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти тақвият бахшидан ба огоҳмандии гендерӣ зимни ба амал баровардани чорабиниҳо доир ба муқовимат ба терроризм махсус қайд шудааст. Он ҳамзамон беҳтар намудани баробарии гендериро дар маҷмӯъ ҳамчун чорабинии умумии пешгирӣ дар ҷомеа, инчунин зарурати ба пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизми хушунатомез ҷалб намудани занонро тақозо менамояд. Ҳамин гуна, мебояд хусусиятҳои гендерии таҷрибаи мардони бозгашта, ки дар бисёр ҳолатҳо мавриди таваҷҷуҳ ва шубҳаи бештари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор мегиранд, ба инобат гирифта шавад.[33]

---

[30] UNODC, Handbook on Gender Aspects of Criminal Justice Responses to Terrorism, Vienna, 2019 p. 17.
https://www.unodc.org/documents/terrorism/Publications/17-08887_HB_Gender_Criminal_Justice_E_ebook.pdf
(РММҶ-УНП ООН) Роҳнамо доир ба ҷанбаҳои гендерии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти мубориза бо терроризм)

[31] International Civil Society Action Network (ICAN) and the United Nations Development Program (UNDP). Invisible Women: Gender Dimensions of Return, Rehabilitation and Reintegration after Violent Extremism. New York, 2019. p. 29. https://icanpeacework.org/wp-content/uploads/2019/02/ICAN-UNDP-Rehabilitation-Reintegration-Invisible-Women-Report-2019.pdf. (ICAN, "Занони ноаён ").

[32] UN Women, Women and Violent Extremism in Tajikistan. New York: UN Women, 2017. https://eca.unwomen.org/sites/default/files/Field%20Office%20ECA/Attachments/Publications/2017/III_UNW_ECA_Tajikistan%20chapter_Final-02%20FINAL.pdf Page 3, 7. (СММ – Занон. Занон ва экстремизми хушунатомез дар Тоҷикистон)

[33] Ҳисобот оид ба машварати тарафҳои манфиатдор бо коршиноси тоҷик оид ба масъалаҳои гендерӣ. Декабри 2021

Истифодаи таҳлили гендерӣ дар ҳама марҳилаҳои барномарезии ПЭ ва ОРБ барои беҳтар дарк намудани ангезаҳои ба экстремизм ва терроризм гаравидани одамон, ҳамзамон ба таҳияи барномаи инфиродии дастгирии ОРБ кумак мерасонад.[34]

Дар Қатъномаи Шӯрои амнияти СММ 2242 (2015) ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши махсуси занонро дар амалӣ намудани иқдомот дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм эътироф намуда, даъват ба амал овардааст, ки таъйин намудани занон дар мансабҳои фаврии бахши амниятӣ, инчунин таҳияи стартегия ва барномаҳо дар соҳаи ПЭ ва мубориза бо терроризм васеъ карда шавад.

Дар Қатъномаи Шӯрои Амнияти СММ 2396 (2017) қайд гардидааст, ки «занон ва кӯдакони алоқаманд ба ҷангҷӯён- террористҳои хориҷӣ, ки аз минтақаҳои ҷангзада бармегарданд, ба он ворид ё аз он хориҷ мешаванд, мумкин аст нақшҳои гуногунро иҷро карда бошанд, аз ҷумла ҷонибдор, ёвар ё иҷрокунандагони амалҳои террористӣ бошанд, аз ин лиҳоз ҳолатҳои мазкур ҳангоми таҳияи нақшаҳои таъқиб, офиятбахшӣ ва барқароркунӣ диққати махсусро тақозо менамоянд». Дар он ҳамзамон зарурати расонидани кумак ба занон ва кӯдаконе, ки бар асари алоқамандиашон ба ҷангҷӯён-террористҳои хориҷӣ метавонанд қурбонии терроризм гарданд, зикр гардида, таъкид гардидааст, ки дар ин раванд бояд синну сол ва ҷинс ба инобат гирифта шаванд.[35]

| |
|---|
| Иттилооти муфиди ҷамъбастиро оид ба амалия ва таҳлилҳои дахлдори гендерӣ метавон дар Замимаи 1 ба Ҳисоботи БРСММ – Шабакаи байналмилалии амалҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ «Занони ноаён, ҷанбаҳои гендерии бозгашт, офиятбахшӣ ва реинтегратсия баъди экстремизми хушунатомез» барои соли 2019 дарёфт кард: https://www.undp.org/publications/invisible-womenhttps://www.undp.org/publications/invisible-women |

Зимни таҳияи барномаҳои ОРБ дар қатори татбиқи  рӯйкарди аз лиҳози гендерӣ ҳассос мебояд синну соли шахс ба инобат гирифта шавад.

*Кӯдакон* эҳтиёҷот ва осебпазирии хос дошта, он бояд мавриди назар қарор дошта бошад. Тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи башардӯстона, давлатҳо вазифадоранд реинтегратсияи иҷтимоии кӯдаконро дар ҳолатҳои осебпазир ҷиддан дастгирӣ намоянд. Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак талаботро дар бораи зарурати бозгардонидан ва барқарор намудани кӯдак бо дарназардошти синну соли ӯ, новобаста аз он, ки кӯдак қурбонии хушунат аст, дар ҳолати низоъ қарор дошт ё ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст, таъкид менамояд.[36]

[34] International Civil Society Action Network (ICAN) and the United Nations Development Programme (UNDP). Invisible Women: Gender Dimensions of Return, Rehabilitation and Reintegration after Violent Extremism. New York, 2019. p. 29. https://icanpeacework.org/wp-content/uploads/2019/02/ICAN-UNDP-Rehabilitation-Reintegration-Invisible-Women-Report-2019.pdf (ICAN, “Занони ноаён”)

[35] Дар ҳамон ҷо. Ниг. инчунин Иттилооти ҷамъбастии амалия ва таҳлилҳои дахлдори гендерӣ дар Замимаи 1 ба Ҳисоботи БРСММ – Шабакаи байналмилалии амалҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ «Занони ноаён, ҷанбаҳои генедерии бозгашт, офиятбахшӣ ва реинтегратсия баъди экстремизми хушунатомез. 2019: https://www.undp.org/publications/invisible-women

[36] Ниг. Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак. Моддаи 39: "Давлатҳои иштироккунанда ҷиҳати солимгардонии ҷисмонию равонӣ ва барқарорсозии иҷтимоии кӯдак, ки қурбонии ҳар шакли маҳрумият аз ғамхорӣ, истисмор ё суиистеъмол,

Ба кӯдакон дастрасӣ ба хизматрасониҳои офиятбахшӣ ва реинтегратсия, ки ба синну сол, ҷинс, таҷрибаи зиндагӣ ва хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангии онҳо созгор аст, зарур мебошад. Ин эҳтиёҷот метавонанд гуногунҷабҳа бошанд, бахусус дастрасӣ ба хизмати тиббӣ ва кумаки равонӣ- иҷтимоӣ, таҳсил ва имкониятҳои касбомӯзӣ, бозгашт ба ҳаёти оилавӣ ва ҷомеаро дар бар гиранд. Онҳо метавонанд инчунин дигар намудҳои кумак, ба монанди ёрии ҳуқуқиро фаро гиранд.[37] Ҳамин тариқ, рӯйкард бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ, мавҷудияти субъектҳои ОРБ-ро, ки дорои зарфиятҳои касбӣ дар соҳаи кор бо ноболиғон дар ҳама бахшҳои ҷалбшуда мебошанд, тақозо менамояд.

### *1.5. Барномарезии ОРБ*

Барномаҳои офиятбахшӣ ва реинтегратсия баъд аз он, ки шахс тундрав гардида, аз хушунат даст кашидааст ё дар ҷараёни дасткашӣ қарор дорад, амалӣ карда мешаванд. Барномаҳои ОРБ таркибан барномаҳоеро дар бар мегиранд, ки ба шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда, шахсони аз экстремизми хушунатомез пуштибоникунанда, инчунин шахсони аз минтақаҳои ҷангзада бозгашта равона шудаанд.

Барномаҳои ОРБ баъзан ичунин ба ашхос ва оилаҳое равона мешаванд, ки бо гурӯҳҳои экстремистию террористӣ робита дошта, бо ин ё он асос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашудаанд (авфшудагон, аз ҷавобгарӣ озодшудагон ва ғайра). Ҳамаи ин шахсон, новобаста аз муносибати кунуниашон ба экстремизм, сару кор доштан ё шоҳидиашон дар он барои бархӯрдор будан аз дастгирӣ дар соҳаи ОРБ ҳақдор ва эҳтиёҷманд мебошанд.[38]

Ҳамзамон ҷомеаҳое, ки ашхоси қаблан ба экстремизм дастдошта ё аз минтақаҳои ҷангзада бозгаштаро қабул менамоянд, мумкин аст эҳтиёҷот ва мушкилиҳое дошта бошанд, ки дар ҷараёни реинтегратсия бояд ба инобат гирифта шаванд.

Тадбирҳое, ки ба барномаҳои ОРБ дохил карда мешаванд, бояд ба принсипи **«зиён нарасон»** ҷавобгӯй бошанд.[39]

---

шиканҷа ё дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё пастзанандаи шаъну шараф, инчунин низоъҳои мусаллаҳона гардидаанд, мусоидат менамоянд. ...”
https://www.ohchr.org/en/professionalinterest/pages/crc.aspx

[37] UNODC Handbook on Children Recruited and Exploited by Terrorists and Violent Extremist Groups, 2018, Chapter 4: https://www.unodc.org/documents/justice-and-prison-reform/Child-Victims/Handbook_on_Children_Recruited_and_Exploited_by_Terrorist_and_Violent_Extremist_Groups_the_Role_of_the_Justice_System.E.pdf https://www.ohchr.org/EN/ProfessionalInterest/Pages/CRC.aspx. (Роҳнамои РМҶММ (УНП ООН) СММ оид ба кӯдакони аз ҷониби террористҳо ё гурӯҳҳои экстремистӣ бо истифодаи зӯроварӣ ҷалбшуда ё истисморшаванда) Ниг.инчунин UN Key Principles on the Protection, Repatriation, Prosecution, Rehabilitation and Reintegration of Women and Children Associated with Terrorist Groups included in the UN List, April 2019 (UN Key Principles): https://www.un.org/counterterrorism/sites/www.un.org.counterterrorism/files/key_principles-april_2019.pdf (Принсипҳои калидии СММ доир ба ҳимоя, бозгардонӣ, таъқиби судӣ, реинтегратсия ва офиятбахшии занон ва кӯдаконе, ки бо гурӯҳҳои террористии дар феҳристи СММ қарордошта робита доранд (Принсипҳои калидии СММ)), 2018, боби 4: https://www.unodc.org/documents/justice-and-prison-reform/Child-Vicims/Handbook_on_Children_Recruited_and_Exploited_by_Terrorist_and_Violent_Extremist_Groups_the_Role_of_the_Justice_System.E.pdf https://www.ohchr.org/EN/ProfessionalInterest/Pages/CRC.aspx. Ниг. инчунин: https://www.un.org/counterterrorism/sites/www.un.org.counterterrorism/files/key_principles-april_2019.pdf

[38] САҲА. Реинтегратсия ва офиятбахшии ба маҳрумкунӣ аз озодӣ вобастанабуда, саҳ. 27.

[39] UNHCR, Emergency Handbook, Humanitarian Principles: https://emergency.unhcr.org/entry/44765/humanitarian-principles. (РКОКГ (УВКБ ООН) СММ, Роҳнамо доир ба ҳолатҳои фавқулодда. Принсипҳои башардӯстона)

Принсипи мазкур талаб менамояд, ки иқдомот дар самти муқовимат ба экстремизм дар ҳамгирой бо муносибат ва воқеиятҳои маҳал бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки он боиси оқибатҳои манфии ғайринтизор нагардад ё ин оқибатҳоро сабуктар намуда, ба муносибат ва воқеиятҳо таъсири мусбат расонад.[40]

Барномаҳои самараноки ОРБ бояд ба эҳтиёҷоти бозгаштагон ва ҷомеаҳое, ки онҳоро қабул менамоянд, мувофиқ бошанд. Барои ин зарур аст, ки ҳама субъектҳои ба расонидани кумаки равонӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, таҳсилотӣ ва такмили ихтисос ҷалбшуда, ҳокимияти маҳаллӣ, инчунин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ҳам ҳамкорӣ намоянд.

Бозгаштагон, бахусус аъзоёни онҳоро ҳамроҳикунандаи оила, дар баъзе ҳолатҳо мумкин аст бинобар набудани асосҳои ҳуқуқии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои нақшаҳои иҷронамудаашон, ё бо дигар сабабҳо аз адолати судии ҷиноятӣ дар канор монанд. Асноди ҳуқуқии мавҷуда оид ба таҷрибаи пешқадам зарурати қабули тасмимҳо ва тадбирҳои инфиродиро дар мавриди ҷойгиркунонӣ ва офиятбахшии бозгаштагони дорои сатҳи пасти хатар, бахусус бо дарназардошти зиёни имконпазири муҳити маҳбас, таъкид менамоянд.[41]

Нигоҳ доштан дар ҳабс баъзан ҷиҳати ҳифзи самараноки ҷомеа аз баъзе ашхоси ҷиноятпеша зарур аст.

Ҷиҳати риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ ва уҳдадориҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон вобаста ба парвандаҳои марбут ба терроризм мумкин аст дар ҳолатҳои муносиб ба ҷои татбиқи чораҳои ҳабсӣ чораҳои алтернативӣ, аз ҷумла барномаҳои офиятбахшӣ ва реинтегратсия истифода шаванд.

Оид ба имконпазирии истифодаи усулҳои алтернативӣ бо дарназардошти вусъати проблемаи терроризм, ҳаҷм ва навъҳои захираҳои мавҷуда, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ, дараҷаи мушкилиҳои марбут ба занон ва кӯдакон, ки ҳалли онҳо татбиқи чораҳо ва расмиёти махсусро тақозо менамояд, қарор қабул карда мешавад.

Қарор бояд ба арзёбии амиқу ҳамаҷонибаи касбӣ ва объективии ҳар як шахс, мулоҳизаҳои хос, синну сол ва ҷинси ҳар кадом асос ёфта бошад.

Дастгирӣ (дахолат) дар соҳаи ОРБ ичунин бояд ба арзёбии маҷмӯӣ ва инфиродии хавфҳо ва эҳтиёҷот асос ёфта бошад. Тавассути чунин арзёбӣ мумкин аст муайян карда шавад, ки:

1) Оё хавфи бехатарӣ дар робита ба шахси мазкур вуҷуд дорад (он мумкин аст мавҷуд набошад), агар дошта бошад, пас:

а) он дар чӣ зоҳир мегардад?

б) ба кадом андоза ҷиддӣ мебошад?

2) Эҳтиёҷот ва ҷойҳои осебпазири шахс, ки мумкин аст инҳоро дар бар гирад:

---

[40] Search for Common Ground, Countering Violent Extremism. An Introductory Guide to Concepts, Programming and Best Practices. Adapted for the Central Asian region, 2019: https://www.sfcg.org/countering-violent-extremism/SFCG-Countering_Violent_Extremismn_Introductory_Guide_CA_English.pdf (Ҷустуҷӯи заминаҳои муштарак, муқовимат ба экстремизми хушунатомез. Роҳнамои шиносоӣ бо консепсияҳо, барномасозӣ ва таҷрибаҳои беҳтарин. Барои минтақаи Осиёи Марказӣ мутобиқ карда шудааст)

[41] RAN Guide: Returnee Response: Foreign Terrorist Fighters and Their Families, July 2017. p 3. https://ec.europa.eu/home-affairs/system/files_en?file=2020-09/ran_br_a4_m10_en.pdf (Роҳнамои RAN: Чораҳои ҷавобӣ нисбат ба бозгаштагон: Ҷангҷӯён -террористҳои хориҷӣ ва оилаҳои онҳо) Ниг. инчунин GCTF, Good Practices for Addressing the Return of Families of Foreign Terrorist Fighters. (Таҷрибаи пешқадам доир ба ҳалли масъалаҳои бозгашти оилаҳои ҷангҷӯён-террористҳои хориҷӣ).

а) вазъи равонӣ ва дигар масъалаҳои саломатӣ;
б) иттилоот оид ба дараҷаи дастгирии иҷтимоии шахс, аз ҷумла аз ҷониби оила ва ҷомеаи маҳаллӣ.

Арзёбии маҷмӯӣ бояд чунон бодиққат гузаронида шавад, ки зимни он ангезаҳои шахсро ба экстремизм таҳрик намуда, хамзамон барои қатъ намудани иштироки минбаъда дар он ҳидоятнамуда муайян карда шаванд. Дар ин ҳол бояд ба синну сол, ҷинс, баромади иҷтимоию вазъи иқтисодӣ, саломатӣ (аз ҷумла саломатии рӯҳӣ ва осебҳои равонӣ), инчунин дигар омилҳое, ки ба ҷаҳонбинии шахс метавонанд таъсир расонанд, диққати махсус дода шавад.

Баъди анҷом додани арзёбии эҳтиёҷот ва ҷамъоварии иттилоот аз манбаъҳои ҳаддалимкон дастрас, сохторҳои кумакрасон метавонанд ба муҳокимаи он пардозанд, ки кадом амалҳо (тадбирҳо) метавонанд ба шахс барои пешравии ӯ дар ҷодаи солимгардонӣ ва реинтегратсия мусоидат намоянд.

Арзёбии маҷмӯӣ, ки ба таҳлили ҳам хавфҳо ва ҳам эҳтиёҷоти марбут ба фарди мушаххас асос ёфтааст, бояд бар асоси раванди ОРБ гузошта шуда, сохторҳоеро, ки ба ин раванд ҷалб карда шаванд, муайян намояд.

*Рӯйкарди инфиродӣ зимни таҳияи нақшаи ОРБ*

Қарор дар бораи офиятбахшӣ ва реинтегратсия бояд дар ҳар як ҳолати мушаххас ба арзёбии амиқу ҳамаҷонибаи касбӣ ва объективии ҳар як шахс, мулоҳизаҳои хос, синну сол ва ҷинси ҳар кадом асос ёфта бошад.

Аз ҷумла, ҳолати ҳар як кӯдак бояд ба таври инфиродӣ арзёбӣ гардад, зеро ки таҷриба ва эҳтиёҷоти онҳо вобаста ба синну сол ва ҳолатҳои мушаххас аз ҳам фарқ мекунанд. Аз ҷумла, маҳалли таваллуд ё бозгашти кӯдак ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва осебпазирии ӯ таъсир мерасонад, ин омилҳо бояд мавриди назар қарор дошта бошанд.[42]

Баъди анҷом додани арзёбии маҷмӯии хавфҳо ва эҳтиёҷот ҳамаи сохторҳои манфиатдор (ҷалбшаванда) бояд якҷоя бо худи шахси бо ин чораҳо фарогирифташаванда нақшаи инфиродии офиятбахшӣ ва реинтегратсияро таҳия намоянд.

Ба таҳияи нақшаи мазкур ҷалб намудании худи шахси бозгашта аз он ҷиҳат зарур аст, ки ӯ шарикиашро дар таҳти назорат гирифтани ҳаёти худ эҳсос намуда, ба офиятбахшии дарозмуддат ва барқароршавии худ дар ҷомеа мусоидат намояд. Дар ин роҳ бояд ҳамкорӣ бо ашхоси боваринoки ӯ, ба мисли омӯзгорон, устодон, ашхоси обрӯманд ё аъзои оила дастгирӣ карда шавад.[43]

Бо дарназардошти он, ки ба ашхоси бозгашта эҳтимолан кумаки доираи васеи сохторҳо лозим ояд, зарур аст, ки субъекти мушаххаси ҳамоҳангсоз ва назоратбаранда бар ҳар кадом муайян карда шавад. Ҳамзамон зарур аст, ки рафти иҷрои нақшаи ОРБ

[42] UNDP, The Road to Extremism in Africa: Driving Forces, Incentives and Turning Points for Recruitment, 2017. p. 4: https://journey-to-extremism.undp.org/content/downloads/UNDP-JourneyToExtremism-report-2017-english.pdf (БРСММ, Сайре ба экстремизм дар Африқо. Нерӯҳои таҳрикдиҳанда ва лаҳзаҳои ҳалкунанда дар ҷазбкунӣ).
[43] OSCE Non-custodial Rehabilitation and Reintegration, p. 49. (САҲА. Офиятбахшӣ ва реинтегратсияи ба маҳрумкунӣ аз озодӣ вобастанабуда).

мунтазам байни субъектҳо ва худи шахс ҷиҳати муайян намудани зарурият ва мутаносиб будани он ба вазъият баҳогузорӣ карда шавад.

«Дахолати аз ҳад зиёд» ба ақидаи САҲА метавонад боиси бадномӣ ва гузоштани доғи нанг ба (стигматизатсияи) шахс дар ҷомеаи маҳаллӣ гашта, байни шахс, ҷомеаи маҳаллӣ ва сохторҳои давлатӣ нобовариро ба миён оварад. [44]

Ҷиҳати пешгирӣ аз бадномӣ ва гузоштани доғи нанг ба бозгаштагон ҷиҳати баланд бардоштани огоҳмандӣ ва таҳкими боварӣ бо ҷомеаҳои қабулкунанда мунтазам бояд корбарӣ намуд.

*Мониторинг ва баҳодиҳӣ*

Зимни таҳияи барномаҳои ОРБ субъектҳои дахлдор бояд чораҳои мониторинг ва баҳодиҳиро ба онҳо дохил намоянд, ки ба ҳолатҳои воқеӣ асос ёфтаанд.

Ҳадафҳо, мантиқ ва вазифаҳои барномаҳои ОРБ мебояд ошкоро ба самъи аҳли ҷомеа расонида шуда, ҳар сари чанд вақт баҳогузорӣ карда шаванд. Пайгирӣ ва баҳогузории пешравиҳои инфиродии ҳар як шахси бозгашта барои муайян намудани зарурати минбаъда, фоиданокӣ, инчунин мушаххаснамоии чорабиниҳои банақшагирифташуда хеле муҳим аст. Мониторинг ва баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки муваффақият дар иҷрои барномаи ОРБ дар сатҳи васеътар низ андозагирӣ карда шавад, ки он барои такмили амалия ва барномарезӣ дар оянда судманд хоҳад буд.

Аз ҷониби созмони International Alert (Огоҳсозии байналмилалӣ) Роҳнамо доир ба Мониторинг ва баҳодиҳӣ ҷиҳати беҳтар намудани таъсири барномаҳои ПЭ таҳия карда шуда, он ҳамзамон метавонад зимни таҳияи тадбирҳо дар соҳаи ОРБ низ истифода гардад.[45]

## 2. Арзёбии зарфиятҳои ниҳодӣ, муайян намудани ашхос ва сохторҳое, ки ба ОРБ ҷалб карда мешаванд

Бинобар сабаби ба тозагӣ пайдо шудани маъалаи бозгаштагон, бисёр кишварҳои олам, аз ҷумла Осиёи Марказӣ дар таъмини зарфиятҳои ниҳодӣ вобаста ба офиятбахшӣ ва барқаросозии онҳо бо душвориҳо рӯбарӯ гардидаанд.

Донишҳои маҳдуд ва дарки ҳанӯз нокифояи эҳтиёҷоти хоси занон ва кӯдакони бозгашта барои сохторҳое, ки ба корбарӣ бо онҳо сафарбар шудаанд, мушкилиҳоро ба миён овардаанд. Аз ин лиҳоз, баргузор намудани семинарҳои омӯзишӣ ва тренингҳо барои масъулини сохторҳо метавонанд ба онҳо дар вокуниши беҳтар нишон додан ба мушкилиҳои мушаххаси бозгаштагон ва ҷомеаҳои маҳаллии онҳоро қабулкунанда мусоидат намоянд.

Зимни иштироки гурӯҳҳои бисёртарафа таъмини мавҷудияти расмиёт ва инфрасохторҳои дахлдоре, ки имкони мубодилаи иттилоотро байни онҳо бо дарназардошти махфият ва ҳифзи иттилооти оилаҳо ва шахсони алоҳида фароҳам меоранд, хеле муҳим аст.

[44] OSCE Non-custodial Rehabilitation and Reintegration, p. 49. (САҲА. Офиятбахшӣ ва реинтегратсияи ба маҳрумкунӣ аз озодӣ вобастанабуда).
[45] Ниг. Маҷмӯи пурраи дастафзорҳо: http://www.pvetoolkit.org/design-the-programme?SubModuleId=1138

*Масъулини бахши кумаки равонӣ-иҷтимоӣ*

Шахсони аз минтақаҳои ҷангзада баргашта бо эҳтимоли зиёд шоҳид ё иштироккунандаи бевоситаи ҳодисаҳои мудҳиш, қурбонии шиканҷа ё зӯроварии шаҳвонӣ гардида, дар ин ҳол осебҳои ҷисмонӣ ё равонӣ бардоштаанд.

Таъсири ин осеб ва бадбахтиҳо, дар ҳолати нарасонидани кумак, метавонад боиси пайдоиши душвориҳо дар муносибот бо дигарон, ташаннуҷи авзои рӯҳӣ, дигар оқибатҳои ногувор, аз ҷумла даст задан ба хушунат гарданд.

Дар робита ба ин, хеле муҳим аст, ки кумаки равонӣ- иҷтимоӣ дар миёни тадбирҳои муқовимат бо экстремизм ва нигоҳубини шахсоне, ки ба экстремизм рӯбарӯ шудаанд, мақоми марказиро дошта, кормандони бахши кумаки равонӣ -иҷтимоӣ аъзои ҳатмии гурӯҳҳои муштараки ба ПЭ ва ОРБ сафарбаршуда бошанд.

Ҷиҳати расонидани кумаки равонӣ-иҷтимоӣ ба ашхоси аз тундгароӣ осебпазир, ё онҳое, ки бо барномаҳои ОРБ фаро гирифта шудаанд, иштироккунандагони мухталиф, чӣ дорои таҳсилоти касбӣ ва чӣ ғайрикасбӣ ҷалб карда мешаванд.

Дар баъзе ҳолатҳо ё бо баъзе барномаҳо якчанд шахс ба ин масъала, аз ҷумла равоншиносон, рӯҳониён, маслиҳатчиёни ҷавонон ва кормандони тиб ҷалб карда мешаванд.

Ин ашхос аксаран барои баҳс намудан ва тағйир додани афкори шахс, расонидани кумак, додани тавсия ва дастгирӣ дар ҷустуҷӯи манзил, ҷойи кор, гирифтани таҳсилот ва амсоли он зарур мебошанд. Нақши кормандони тиббӣ ва иҷтимоӣ бояд ҳамчун илова ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳисобида шавад.

Мутахассисони соҳаи кумаки равонӣ- иҷтимоӣ, ки дар барномаҳои ПЭ ва ОРБ иштирок доранд, вазифадоранд чорабиниҳоро вобаста ба эҳтиёҷоти нодири ҳар як ҳолат (шахс) таҳия намоянд.

Баъзе шахсон мумкин аст дар минтақаҳои ҷангзада барои иштирок дар ҳаракатҳои экстремистӣ маҷбур карда шуда бошанд. Ҳамин гуна, кӯдакони аз чунин минтақаҳо бозгардонидашуда низ мумкин аст лаҳзаҳои зиёди даҳшатовареро пушти сар карда бошанд, ки ба саломатии ҷисмонӣ ва равонии онҳо, инчунин қобилияти барқарор гардидани онҳо ба мактаб мутобиқ ба синну солашон таъсир расонида бошанд. Барои мардон ва занони дар амалиётҳои ҷангӣ ширкатнамуда бошад, бояд ба назар гирифта шавад, ки онҳо ихтиёрӣ ё аз ноилоҷӣ ба он даст задаанд, зеро он барои рафтору кирдори баъдии онҳо таъсири дахлдор хоҳад дошт.

Раёсати СММ доир ба ҷинояткорӣ ва маводи мухаддир курси машғулиятҳои электрониро доир ба масъалаи саломатии равонӣ дар ҷараёни офиятбахшӣ ва реинтегратсия, махсус барои сиёсатмадорон ва кормандони амалии мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Осиёи Марказӣ таҳия намудааст. Ин курс аз 4 модул иборат буда, ба баланд бадоштани зарфиятҳо доир ба кумаки равонӣ-иҷтимоӣ ба бозгаштагон равона шудааст. Маводи мазкур ба забонҳои англисӣ ва русӣ дар суроғаи https://golearn.unodc.org/lms/course/view.php?id=513 дастрас аст.

*Омӯзгорон, мактаб ва кордиҳандагон*

Монеаҳо дар роҳи дастрасӣ ба таҳсилот ва ҷойи кор метавонад боиси пайдоиши ҳисси бегонагию дилхунукии бозгаштагон гардида, ба барқароршавии онҳо халал расонад.

Аз ин лиҳоз, омӯзгорон ва роҳбарони мактабҳо бояд ҷиҳати мусоидат ба реинтегратсияи устувор ва дарозмуддати шахсони бозгашта ба раванди реинтегратсия бо иштироки сохторҳои бисёртарафа ҷалб карда шаванд.

Мувофиқи мақсад аст, ки огоҳии омӯзгорон доир ба масоили марбут ба бозгаштагон баланд бардошта, бо онҳо тренингҳо доир ба таҳаммулгароӣ, ҳуқуқи инсон ва баробарии гендерӣ гузаронида шаванд.

Зарур аст, ки ҳамзамон огоҳӣ ва таълими кордиҳандагони эҳтимолӣ (дар ҷое, ки он муносиб аст) доир ба ин масъалаҳо баланд бадошта, ба ин васила реинтегратсияи бозгаштагон бо роҳи ҳалли масъалаи доғи нанг (стигма), инчунин дастгирии иштироки онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаҳои қабулкунанда сабуктар карда шавад.

*Ҷомеаи шаҳрвандӣ*

Ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ шарти муҳими комёбӣ дар самти офиятбахшӣ ва реинтегратсияи бозгаштагон ва оилаҳои онҳо мебошад.

СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар ПЭ, реинтегратсия ва офиятбахшии собиқ экстремистҳо ва аъзои оилаи онҳо муҳим арзёбӣ менамоянд.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолият вобаста ба бозгардонӣ ва реинтегратсияи шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта адои ҷазонамуда, инчунин бозгаштагоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд, иштирок менамоянд.

Субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бисёр вақтҳо дар мавриди ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои ба ПЭ ва ОРБ сафарбаршуда душворӣ мекашанд. Ин ниҳодҳо ҳамчунин ба роҳнамоӣ, иттилоот ва захираҳои барои саҳми арзанда гузоштан дар соҳаи ОРБ зарурӣ, эҳтиёҷ доранд.

Чунончи, субъектҳои маҳаллие, ки бояд ба дастгирии рӯҳонӣ ва мазҳабии ашхоси бозгашта машғул шаванд, ба баланд бардоштани савияи донишҳои худ дар ин самт ниёз доранд.

Дар робита ба ин, барномаҳои ОРБ бояд ҳамзамон тадбирҳоро вобаста ба баланд бардоштани зарфиятҳои сохторҳои ҷалбшавандаи ғайридавлатӣ дар ин соҳа, бахусус дар сатҳи маҳалҳо дар бар гиранд.

*Фаъолияти ба ҷомеаҳо равонашудаи милитсия*

Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 иштироки фаъоли мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус милитсияро дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм, инчунин дар офиятбахшӣ ва реинтегратсияи бозгаштагон пешбинӣ намудааст.

Тақвият бахшидани зарфиятҳои милитсия вобаста ба кор бо ҷомеаҳо метавонад ба ташаккули масъулияти дастаҷамъӣ ва эътимод ба ҳадафҳои пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла экстремизм мусоидат намояд.

*Маъмурияти муассисаҳои ислоҳӣ*

Ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мутобиқ намудани шароитҳои адои ҷазо барои маҳкумшудагон , инчунин кӯшиши таъмин намудани офиятбахшӣ ва реинтегратсияи устувор бояд ҳамчун ҳадафи асосии низоми адои ҷазо ҳисобида шаванд.

Яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои ислоҳӣ ба сифати сазо ва баъзан ҳамчун чораи муҳофизатӣ аз ҷомеа ҷудо намудани ҷинояткор бошад ҳам, хадамоти маҳбасҳо дар офиятбахшии ашхоси барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистию террористӣ маҳкумшуда, инчунин муайян намудани он ки маҳз кадоме аз онҳо барои дохил намудан ба барномаҳои реинтегратсия ва офиятбахшӣ муносиб мебошанд, нақши муҳим доранд.

Ба тадбирҳои доихилимаҳбасии офиябахшӣ ва реинтегратсия таъмини шароит барои таҳсилоти дахлдор, тайёрии касбӣ, таъмин бо кор, инчунин ба ин раванд ҷалб намудани хадамоти кумаки равонию иҷтимоӣ, рӯҳониён ва дигар сохторҳои манфиатдор дохил мешаванд.

Занони маҳкумшуда ба маҳрумӣ аз озодӣ зимни реинтегратсия ба ҷомеа метавонанд ба мушкилиҳои иловагӣ дучор гарданд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки бо хадамоти мавҷудаи иҷтимоӣ, инчунин низомҳои анъанавию ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати татбиқи тадбирҳои аз лиҳози гендерӣ ҳассоси дахолат (дастгирӣ) ҳамкории зич ба роҳ монда шавад.

*Коммуникатсия ва огоҳмандӣ. ВАО ва рӯзноманигорон ҳамчун шарикон дар ПЭ ва ОРБ*

Дар Нақшаи амалҳои СММ доир ба пешгирии экстремизми хушанатомез аҳамияти коммуникатсияҳои стратегӣ, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ (замимаҳои интерактивии интернетӣ) махсус қайд карда шудааст.

Дар Нақшаи амалҳо оид ба иҷрои Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 низ як қатор тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ, мусоидат ба онҳо дар баланд бардоштани фарҳанги сиёсии ҷомеа ва пешбурди ташвиқоти зиддиэкстремистӣ пешбинӣ гардидаанд.[46]

Ҳамкории қобили мулоҳиза бо ВАО дар ин масъала боиси афзоиши дастгирии ҷомеа аз қурбониён, коҳиш додани тарсу нобоварӣ ва доғи нанг (стигма) гашта, ба ҷомеа имкон медиҳад, ки раванди ОРБ ва нақши худро дар он беҳтар дарк намояд.

[46] Ниг. б. 1.3. Нақшаи амалҳо оид ба иҷрои Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

Фаъолияти самараноки ҷомеаҳои маҳаллӣ тавассути ВАО маънии барқарор намудани робитаро байни марказҳои мабуотии расмӣ ва ВАО дорад. Вохӯриҳои пайваста дар рафти машғулиятҳои якҷояи омӯзишӣ ва мастер- классҳо байни рӯзноманигорон ва намояндагони мақомоти давлатӣ метавонанд ба таҳкими боварӣ дар таъмини фаъолияти самараноки чунин платформаҳои коммуникатсионӣ мусоидат намоянд.

Муассисаҳои давлатии масъул барои масъалаҳои ПЭ ва ОРБ метавонанд имконияти таъйин намудани ҳамоҳангсозони кор бо ВАО-ро, ки ба саволҳо ҷавоб дода, бо рӯзноманигорон ва ҷомеаҳои зарардида ба таври даврӣ брифингҳо ва вохӯриҳо баргузор менамоянд, баррасӣ намоянд. Илова ба он таъсис додани веб-сайт бо дастрасиии фаврӣ ба иттилоот ва алоқаи телефонӣ низ муфид мебошад.

Бо дарназардошти он, ки аз ҷониби гурӯҳҳои экстремистӣ истифода бурдани Интернет ҷиҳати ҷалби тарафдорон ва паҳн намудани афкори зараровари онҳо идома ёфта истодааст, давлатҳо аз воситаҳои мухталифи муқовимат ба ин таҳдид, аз ҷумла масдудкунӣ (блокировка), поксозӣ ва қатъ намудани контентҳои зараровар ва хушунатомез дар Интернет истифода мебаранд.

Дар ин ҳол бояд риояи қатъии ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, озодии сухан ва баёни ақида таъмин карда шавад. Дар робита ба ин, дар Нақшаи амалҳо оид ба иҷрои Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025:

- таъмини мувофиқати иқдомот дар самти муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон:
- таҳлили мунтазами қонунгузорӣ доир ба масдудкунӣ, поккорӣ ва хориҷ намудани контентҳои ғайриқонунии интернетӣ ҷиҳати муайян намудани самаранокии қонунгузорӣ дар ин самт, инчунин таҳлили доимии таҷрибаи дигар кишварҳо оид ба бартараф намудани хавфҳо дар ин соҳа, махсус таъкид карда шудааст.[47]

*Тақвияти огоҳмандии ҷомеаҳои маҳаллӣ дар соҳаи ОРБ*

Бо дарназардошти нақши ҷомеаҳои маҳаллӣ дар ПЭ ва ОРБ Нақшаи амалҳо оид ба иҷрои Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 тадбирҳоро ҷиҳати тақвияти таъминоти иттилоотӣ ва мусоидат ба татбиқи зарфиятҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ дар пешгирии экстремизм ва тундгароӣ пешбинӣ намудааст.[48]

Коммуникатсия (иртиботот) дар бораи моҳияти ПЭ ва ОРБ, фаҳмонидани сабабҳои бозгардонии шаҳрвандон аз минтақаҳои ҷангзада, ба онҳо расонидани кумак аз ҷониби давлат ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ҷиҳати барқарор намудани шароитҳои зист, зарурати кумаку дастгирии онҳо аз ҷониби ҷомеаҳо, оилаҳо, ташкилотҳо ва ашхоси алоҳида ҳамчун воситаи саҳмгузорӣ дар ташаккули ҷомеаи орому ҳамашумул бояд

[47] Ниг б.б. 2-3 б. 40 дар Нақшаи амалҳо оид ба иҷроиши Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

[48] Ниг б. 40 дар Нақшаи амалҳо оид ба иҷроиши Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

ҳамчун ҷузъи нақшаи маҷмӯии коммуникатсия дар соҳаи ПЭ ва ОРБ эътироф ва амалӣ карда шавад.

Мавҷуд набудани коммуникатсияи дахлдор байни сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаҳои қабулкунанда ба реинтегратсияи самараноки бозгаштагон мамониат карда метавонад.

Қабл аз татбиқи чорабиниҳо доир ба тақвияти огоҳмандии аҳолӣ аз ҳадафҳо ва афзалиятҳои барномаҳои ОРБ, ташкилотҳои масъул бояд шароитҳо ва ҳолатҳои мавҷударо дар ҷомеаҳои қабулкунанда омӯхта, ташвишу нигарониҳо, тарсу ҳарос, норозигӣ ва дигар падидаҳоеро, ки метавонанд ба татбиқи барномаи офиятбахшӣ ва реинтегратсия мамониат намоянд, муайян намоянд.

Воситаи муҳими тақвияти огоҳмандии аҳолӣ доир ба масъалаҳои мазкур шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо ба иштироккунандагони ПЭ дастрасиро ба доираҳои васеъ таъмин намуда, имкон медиҳанд, ки байни мақомоти давлатӣ ва аҳолӣ робитаи мустақим дар реҷаи вақти воқеӣ ба роҳ монда шавад.

Ба ғайр аз мубодилаи иттилоот ва тақвияти огоҳмандӣ шабакаҳои иҷтимоӣ барои мубоҳисаҳои ҳамаҷониба доир ба масъалаҳои ПЭ ва ОРБ, ба самъи аҳолӣ расонидани иттилооти зарурӣ, аз байн бурдани ҳар гуна овоза ва боварҳои беасос, шикастани қолибҳо, посух додан ба саволҳо ва мушкилиҳо имконияти хуб фароҳам меоранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун воситаи хеле арзон ва фаврии муошират нисбат ба воситаҳои ахбори умуми анъанавӣ бартарӣ доранд.

Дар баробари ин, дар бисёр минтақаҳои Тоҷикистон воситаи нисбатан маъмули коммуникатсия - ин мубодилаи шифоҳии иттилоот байни сокинон мебошад. Бояд дар назар дошт, ки дар шароити маҳал баъзан барномаҳои телевизионию радиёӣ бо иштироки ашхоси обрӯманди маҳаллӣ (фаъолон) метавонад аз алоқаи он-лайн муфидтар бошад.

Шахсони обрӯманд ва фаъолони маҳаллӣ аз зумраи ашхоси бонуфз буда, метавонанд ба коммуникатсияҳои стратегӣ (шабакаҳои огоҳкунонию иттиллотӣ) ҷалб карда шаванд. Ташкилотҳои занон ва занони алоҳидае, ки қаблан дар ПЭ, аз ҷумла дар пешгирии экстремизм дар ҷомеаҳо ва оилаҳои худ иштирок намудаанд, метавонанд дар моил намудани ҷомеаҳо ба офиятбахшӣ ва реинтегратсияи бозгаштагон кумак расонанд.

Собиқ экстремистҳо ё ашхоси аз минтақаҳои ҷангзада бозгашта низ метавонанд ихтиёрӣ дар тақвияти огоҳмандии аҳолӣ аз оқибатҳои фалокатбори экстремизм ва терроризм, бо истифода аз таҷрибаи худ иштирок намоянд, ки он бегумон таъсири тадбирҳои профилактикиро баланд мебардорад.

## 3. Навъҳои дастгирӣ дар самти ОРБ

*Кумаки равонию иҷтимоӣ*

Ашхоси аз минтақаҳои ҷангзада баргашта, новобаста аз он, ки дар ин ҷангҳо фаъолона иштирок кардаанд ё не, чун қоида ба хизмати равонию иҷтимоӣ ниёз доранд. Кумаки равонию иҷтимоӣ метавонад инҳоро дар бар гирад:

- мусоидат ба тағйири рафтор;
- инкишоф додани малакаи пушти сар намудани душвориҳо ва идоракунии эҳсосот;

- инкишоф додани фикрронии таҳлилӣ ва маҷмӯӣ, малакаи ҳалли мушкилиҳо ва тасмимгирӣ;
- беҳтар намудани муносиботи байниҳамдигарӣ;
- ташаккули худбаҳодиҳӣ;
- мусоидат ба тақвияти зарфиятҳои шахсӣ, рушду такомул;
- бартараф намудани ақидаҳо ва тарзи тафаккуре, ки хушунатро дастгирӣ менамоянд;
- беҳтар намудани шуурнокӣ ва фаҳмиш;
- эҳёи таҷриба ва ирода барои ҳаёти мутобиққардашуда;
- табобат намудани дарду ранҷи маънавӣ ва бартараф намудани дудилагӣ; дастгирӣ дар раванди даст кашидан аз экстремизм.[49]

Бозгаштагон инчунин метавонанд бо муносибатҳои душвор ва вайроншуда дар оила, ҳамзамон доғи нанг (стигма) дар ҷомеа дучор шаванд. Ҳарчанд на ҳама метавонанд осебҳои вазнини равонӣ бардошта бошанд, занон, ҷавонон, калонсолон ва кӯдакон мумкин аст ба табобати осебҳои барои синну сол, ҷинс ва шахсияти онҳо хос ниёз дошта бошанд.

Мавриди зикр аст, ки Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи равоншиносони махсусгардонидашударо ҷиҳати мусоидат ба офиятбахшию равоншиносӣ, инчунин ба гурӯҳҳои бисёрҷониба бо иштироки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рӯҳониён ва дигар сохторҳо ҳамроҳ намудани онҳоро пешбинӣ намудааст.[50]

Дар баробари ин, дар Тоҷикистон, бахусус дар деҳот норасоии ҷиддии мутахассисони равоншинос мушоҳида гардида, ин вазъ бояд зимни арзёбии хавфҳо ва таҳияи нақшаи реинтегратсия ба инобат гирифта шавад.

Дар ноҳияҳое, ки равоншиносони касбӣ намерасанд, истифодаи шаклҳои солим, боэътимод ва бовариноки анъанавии кумаки равонию иҷтимоӣ судманд буда метавонад.

Қабл аз ҷалб намудани кормандони кумаки равонию иҷтимоӣ ба барномаи ОРБ зарур аст, ки қобилияти онҳо ба таъмини дахолати аз лиҳози гендерӣ ҳассос баҳо дода шавад.

Фароҳам овардани шароит ҷиҳати ба роҳ мондани робита байни табибони амалӣ метавонад барои онҳое, ки тахассуси зарурӣ надоранд, фоиданок бошад.

Бар асари он, ки кормандони нигоҳубинкунанда аксаран барои бозгаштагон афроди асосии муошираткунанда мебошанд, зарур аст, ки ҷиҳати осон намудани дастрасии онҳо ба дигар сохторҳои ҷалбшуда (ёрии ҳуқуқӣ, хадамоти манзилӣ, маориф ва марказҳои ҷамъиятӣ) шабакаҳои алоқаи доимӣ барқарор карда шавад.

Кӯшишҳо дар самти офиятбахшии равонӣ ва реинтегратсияи иҷтимоӣ ҳамзамон бояд бо кӯшишҳо дар самти бартараф намудани доғи нанг (стигма) тавъам карда шаванд.

---

[49] Global Centre. Compendium of Best Practices, p. 29. UNODC Handbook on the Management of Violent Extremist Prisoners and the Prevention of Radicalisation and Violence in Correctional Facilities, Section 5.8; Rehabilitation and Reintegration without Deprivation of Liberty OSCE, p. 6. (Маркази глобалӣ. Компендиуми амалияҳои беҳтарин, саҳ. 29. Роҳнамои РММҶ (УНП) СММ доир ба кор бо маҳбусон аз ҷумлаи экстремистҳои ҷанговар ва пешгирии тундгароӣ ба сӯи хушунат дар маҳбасҳо, фаслҳои. 5.8.; Офиятбахшӣ ва реинтегратсия бе маҳрум намудан аз озодӣ. САҲА, саҳ. 6.)

[50] Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025 . Душанбе 2021. саҳ. 170.

*Дастгирии оила ва ҷомеа*

Экстремизм ва терроризм дар бисёр ҳолатҳо ба оилаҳо ва ҷомеаҳое, ки ба фаъолияти ҷиноятkорона робита доранд, таъсир мерасонад. Бо ин асос барномаҳои дахлдор дохил намудани оилаҳоро ба фаъолият дар самти офиятбахшӣ ва реинтегратсия муҳим мешуморанд.

Оилаҳо метавонанд ба ашхосе, ки ҳоло ҳам ба экстремизми даст доранд, таъсири мусбат расонанд.

Дар бисёр ҳолатҳо табобат ва маслиҳатдиҳӣ дар гурӯҳҳои иборат аз аъзои оила, хешовандон ва дӯстон метавон судманд бошад, агар чунин навъи дастгирӣ дар ҷомеаи маҳаллӣ дастрас бошад.

Ҷомеаҳои қабулкунанда дар ҳолати қаблан хабардор будан ва дар марҳилаҳои барвақтӣ омодагӣ дида, метавонанд бозгаштагонро беҳтар дастгирӣ намоянд. Аз ин лиҳоз, бояд бо ҷомеаҳои маҳаллӣ қабл аз омадани бозгаштагон корбарӣ кард.

*Дастгирии мазҳабӣ, ғоявӣ ва маънавӣ*

Ҷомеаҳои маҳаллӣ, аз ҷумла рӯҳониён ва фаъолони анъанавӣ барои ташаккули таҳаммулгароӣ ва фикррониии солим зарфиятҳои зарурирo доро мебошанд. Онҳо ҳамчунин метавонанд ба бозгаштагон дар дарёфти тарзҳои муассири ҳамкорӣ бо ҷомеаҳои худ ва дастгирии онҳо кумак расонанд.

Рӯҳониёне, ки ба чорабиниҳо доир ба реинтегратсияи ашхоси ба экстремизми динӣ ҷалбшуда сафарбар гардидаанд, мувофиқи мақсад аст, ки ҷиҳати муқовимати самаранок ба афкори чунин шахсон қаблан бо хусусиятҳои таълимот ва дурӯғу афсонаҳое дар гурӯҳҳои экстремистӣ роиҷ мебошанд, шинос шаванд.

Мушкилӣ барои рӯҳониён дар ин ҷода дар он зоҳир мегардад, ки бояд дар қатори танқиди ақидаҳои экстремистӣ, боварию эътимоди шахси бозгаштаро аз даст надода, худро дар назари ӯ ҳамчун як устод ва роҳнамои воқеӣ доир ба масоили динӣ нишон дода тавонанд.

Аз ин лиҳоз, қаблан равшан намудани қобилият ва афзалиятҳои рӯҳониён ва фаъолони маҳаллӣ имкон медиҳад, ки хавфу нобовариҳо аз байн бурда, ҳамзамон «ризояти байнимазҳабӣ дар ҷомеа бо роҳи қабули тадбирҳои иловагӣ доир ба баланд бардоштани фарҳанг ва саводнокии динии аҳолӣ, таҳкими фазои таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ ва эҳтиром нисбат ба ҳама дину мазҳабҳо» нигоҳ дошта шавад.[51]

Дастгирии рӯҳонии ба бозгаштагон пешниҳодшаванда мувофиқи имконият бояд ҳам мардон ва ҳам занонро дар бар гирад.

*Дастгирии иҷтимоӣ- иқтисодӣ, таҳсил ва касбомӯзӣ*

[51] Банди 2.6 Нақшаи амалҳо оид ба амалисозии Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

Монеаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар роҳи ба даст овардани таҳсилот ва ҷойи кор имкониятҳои бозгаштагонро ба худтаъминкунии молиявӣ маҳдуд намуда, осебпазирии онҳоро бештар намуда метавонад.

Аз ин лиҳоз, таҳсилот ва касбомӯзӣ барои реинтегратсияи бомуваффақияти бозгаштагон ба ҷомеа хеле муҳим мебошанд. Мақомоти маҳаллии ҳокимият дар таҳияи барномаҳои дахлдори касбомӯзӣ, ки имкониятҳои иҷтимоию иқтисодиро, чӣ дар деҳот ва чӣ шаҳрҳо фароҳам меорад, бояд нақши муҳим дошта бошанд.

Ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар омода намудани ҷойҳои нави корӣ низ, ҳамчун ҷузъи иқдомоти боз ҳам густурдатар дар самти муқовимат ба экстремизм пешниҳод карда мешавад.

*Нақши фарҳанг, санъат ва варзиш дар самти ПЭ ва ОРБ*

Санъат ва фарҳанг дар рушди ҳамдигарфаҳмии байнифарҳангӣ ва дарки эҳсоси ягонагии инсоният самаранок буда, метавонанд барои тақвияти устувории ҷомеа тавассути таҳкими ваҳдати иҷтимоӣ нақши муҳим бозанд.

Варзиш барои ҷалби ҷавонон ба ҳаёти ҷомеа ва инкишофи малакаи иҷтимоии онҳо имкон дода, эҳсоси умумияти одамонро боло мебардорад.

Аз ин лиҳоз, дар чаҳорчуби иқдомот доир ба реинтегратсия ва офиятбахшӣ истифодаи таҷрибаи мусбати фарҳангӣ, ки дар соҳаи санъат ва варзиш ташаккул ёфтааст, судманд ба назар мерасад. Бахусус дар ҳолатҳое, ки хидматҳои анъанавии равонию иҷтимоӣ дастрас нестанд, ин воситаҳо хеле муассир буда метавонанд.[52]

*Ҷавонон ва созмонҳои ҷавонон*

Ҷавонон аз афкори экстремистӣ то андозае осебпазир бошанд ҳам, аксаран ҳаводори сулҳу оромӣ буда, мехоҳанд дар ҳаёти ҷомеаҳои худ саҳми мусбат гузоранд.

Фаъолнокии шаҳрвандии ҷавонон барои ташаккули устуворӣ дар муқобили экстремизм ва дигар тамоюлҳои фалокатбор дар ҷомеаҳо зарфияти зиёд дорад.

Қатъномаи Шӯрои амнияти СММ 2250 (2015) аз давлатҳо даъват намудааст, ки ҷиҳати ба ҷавонон додани имконияти иштирок дар равандҳои марбут ба сулҳ ва амният механизмҳои даxдорро таъсис диҳанд.

Пешқадамии ҷавонон дар самти ПЭ хеле муҳим буда, ҳамзамон ба ҳалли масъалаҳои офиятбахшӣ ва реинтегратсия мусоидат менамояд.[53] Ҳалли дарозмуддати масъалаҳои ПЭ аз мавҷудияти фазои шаҳрвандие вобаста аст, ки ба ташаббусҳои таҳти роҳбарии ҷавонон суратгиранда имкони ривоҷу равнақ медиҳанд.

Дар соҳаи ОРБ созмонҳои ҷавонон метавонанд тавассути доираи васеи хизматрасониҳо, аз қабили кумаки равонию иҷтимоӣ, таҳсилот, касбомӯзӣ, санъат, фарҳанг ва варзиш иштирок намоянд.

[52] OSCE, Non-Custodial Rehabilitation and Reintegration (САҲА. Офиятбахшӣ ва реинтегратсияи ба маҳрумӣ аз озодӣ вобастанабуда)

[53] Резолюция Совета Безопасности ООН 2250, 9 декабря 2015 года, S/RES/2250: https://www.un.org/en/ga/search/view_doc.asp?symbol=S/RES/2250(2015)&referer=/english/&Lang=E

*Созмонҳои занон*

Созмонҳои занон дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, ҷое ки механизмҳои ҳамоҳангсози барқароркунӣ ва офиятбахшии бозгаштагон мавҷуд нест, нақши онро ба уҳдаи худ гирифтаанд.

Онҳо саргузаштҳои гендерии шахсони бозгаштаро, ки метавонанд хушунати шаҳвонӣ ва гендериро дар бар гирифта бошанд, хеле хуб муаррифӣ намуда, мушкилиҳои занони бозгашта, аз ҷумла доғи нангро (стигмаро) амиқ дарк менамоянд, бо сохторҳои ба рафъи ин мушкилиҳо ҷалбшуда ҳамкориро хеле хуб ба роҳ монда метавонанд.

Дар ин ҷода ҳамкорӣ бо чунин сохторҳои обрӯманд ва боваринок ба монанди Кумитаи кор бо занон ва оила ҷиҳати дастгирӣ ва маслиҳатдиҳӣ ба созмонҳои занон доир ба масъалаҳои муқовимат ба экстремизм, инчунин реинтегратсия ва офиятбахшии бозгаштагон судманд мебошад.

## Хулоса

Роҳнамои мазкур барои фаъолияти самаранок дар самти пешгирии экстремизм, офиятбахшӣ ва реинтегратсияи ашхоси аз минтақаҳои задухӯрдҳои мусаллаҳона ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бозгашта замина мегузорад.

Таҷрибаи фаъолият дар ин самт дар ҷараёни татбиқи минбаъдаи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Нақшаи амалҳо оид ба иҷрои он, инчунин такмили минбаъдаи қонунгузорӣ дар ин самт ва самтҳои ба он ҳамҷавор ғанитар хоҳад гашт.

Он дар навбати аввал ба шаклу методҳои муосири кор бо ҷавонон, занон ва кӯдакони аз минтақаҳои ҷангзадаи Ироқ ва Сурия баргардонидашуда, бо иштироки фаъоли мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, дигар сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, рӯҳониён ва ҷомеаҳои маҳаллӣ марбут мебошад.

Дар робита ба ин, Роҳнамои мазкур ҳамзамон барои истифода дар фаъолияти Гурӯҳҳои машваратӣ доир ба пешгирии экстремизм, ки дар чаҳорчӯби татбиқи Нақшаи амалҳо оид ба иҷрои Стратегия дар як қатор ноҳияҳои Тоҷикистон таъсис дода мешаванд, тавсия дода мешавад.

Бо дарназардошти нақши муҳими ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ ва мубодилаи таҷриба дар самти пешгирии экстремизм, офиятбахшӣ ва реинтегратсияи бозгаштагон умед аст, ки Роҳнамои мазкур барои дигар кишварҳо ва созмонҳои дар ин самт фаъолияткунанда низ судманд хоҳад буд.

## ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ ВА МУТОЛИАИ ИЛОАВАГӢ:

**Замимаи I – Манбаъҳои иловагӣ: шабакаҳои интернетӣ, роҳнамоҳо ва воситаҳо**


1. Central Asian Network for Preventing and Countering Violent Extremism. URL: https://capve.org/en/ (Шабакаи Осиёи Марказии ПЭ)
2. Commonwealth, Supporting Families in Preventing and Countering Violent Extremism, 2017. URL: https://thecommonwealth.org/sites/default/files/inline/ComSec%20CVE%20and%20Families%20Presentation.pdf (Дастгирии оилаҳо дар пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизми хушунатомез)
3. ПРООН. Предотвращение насильственного экстремизма. Ежегодный отчёт, 2021 год. Кризисное бюро Программы развития ООН, 2022 год. (Пешгирии экстремизми хушунатомез. Гузориши солона, соли 2021. Дафтари буҳронҳои БРСММ, соли 2022.)
4. Extremism Countering Centre. URL: http://www.counterextremismhub.org/ (Маркази муқовимат ба экстремизм)
5. Council of Europe Guidelines for Correctional and Probation Services on Radicalisation and Violent Extremism, December 1, 2016. URL: https://rm.coe.int/16806f9aa9 (Роҳнамои Шӯрои Аврупо барои муассисаҳои ислоҳӣ ва хадамоти пробатсия доир ба масъалаҳои тундгароӣ ва экстремизм)
6. Global Centre, Compendium of Best Practices for the Rehabilitation and Reintegration of Violent Extremist Offenders. 2018. URL: https://www.globalcenter.org/publications/compendium-of-good-practices-in-the-rehabilitation-and-reintegration-of-violent-extremist-offenders/ (Маркази глобалӣ, Маҷмӯаи амалияҳои беҳтарин доир ба офиятбахшӣ ва реинтегратсияи ҷинояткорон аз ҳисоби экстремистҳои ҷанговар)
7. Global Counterterrorism Forum, Toolkit to Address the Life Cycle of Radicalization to Vioence, September 2016. URL: https://toolkit.thegctf.org/en/ (Форуми глобалии зиддитеррористӣ. Маҷмӯи афзорҳо барои пушти сар намудани марҳилаҳои тундгароӣ ба сӯи хушунат)
8. Global Counterterrorism Forum, Best Practices to Address the Return of Families of Foreign Terrorist Fighters, 2018. URL: https://www.thegctf.org/Portals/1/Documents/Framework%20Documents/2018/GCTF-Good-Practices-on-Returning-Families-of-FTFs_ENG.pdf?ver=2018-09-25-101427-323 (Форуми глобалии зиддитеррористӣ, Таҷрибаи пешқадам доир ба ҳалли масъалаҳои бозгашти оилаҳои ҷангҷӯён-террористҳои хориҷӣ)
9. Global Counterterrorism Forum, Addendum to the Hague-Marrakesh Memorandum on Best Practices for a More Effective Response to the ISIL Phenomenon, September 2016. URL: https://www.thegctf.org/Portals/1/Documents/Framework%20Documents/2016%20and%20before/Addendum%20to%20The%20Hague-Marrakech%20Memorandum%20EN.pdf?ver=2020-01-13-163556-773 (Форуми глобалии зиддитеррористӣ, Илова ба меморандуми Гаага-Марокаш доир ба таҷрибаи пешқадам барои вокуниши самаранок ба падидаи шигифтангези ҶТХ (ИБТ))

10. GCTF Rome Memorandum, Supplementary Guidance on the Role of Religious Scholars and other Ideological Experts in Rehabilitation and Reintegration Programmes. URL: https://toolkit.thegctf.org/Portals/1/Documents/En/UNICRI_SPAIN_Religious_Scholars_in_Rehab.pdf (Роҳнамои иловагӣ оид ба нақши уламои дин ва дигар коршиносонӣ идеологӣ дар барномаҳои офиятбахшӣ ва реинтегратсия)
11. Global Solutions Exchange, Improving PE Practices – 10 Steps to Strengthen Rehabilitation and Reintegration Efforts for Terrorist Offenders, Returning Foreign Terrorist Fighters and Victims of Violent Extremism, 2017. URL: http://www.icanpeacework.org/wp-content/uploads/2018/05/GSX-Ten-Steps-to-Strengthening-Rehabilitation-and-Reintegration-2017.pdf (Мубодилаи глобалии қарорҳо, такмили амалияи ПЭ – 10 қадам доир ба таҳкими иқдомот дар самти офиятбахшӣ ва реинтегратсияи шахсони ҷиноятҳои террористӣ содирнамуда, ҷангҷӯён- террористҳои баргаштаистода ва қурбониёни экстремизми хушунатомез)
12. Global Solutions Exchange, 10 reasons why civil society is an ally rather than an enemy in countering violent extremism, 2017. URL: https://icanpeacework.org/2017/09/19/10-reasons-civil-society-ally-not-adversary-struggle-violent-extremism/ (Биржаи глобалии қарорҳо, 10 сабаб барои он, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ на рақиб, балки иттифоқчӣ дар мубориза бо экстремизми хушунатомез мебошад.)
13. Hedaya and the International Institute for Justice and the Rule of Law. The Maltese Principles on the Reintegration of Returning Foreign Terrorist Fighters (FTFs), 2016. URL: http://www.hedayahcenter.org/Admin/Content/File-26102016223519.pdf (Ҳидоя ва Донишкадаи байналмилалии адолати судӣ ва волоияти қонун. Принсипҳои малтагии реинтегратсияи ҷангҷӯён- террористҳои бозгаштаистода (ҶТБ/ИБТ))
14. Hedaya and the International Institute for Justice and the Rule of Law. The Maltese Principles on the Reintegration of Returning Foreign Terrorist Fighters (FTFs), 2016. URL: https://www.hedayahcenter.org/resources/good-practices/malta-principles-for-reintegrating-rftfs/ (Ҳидоя ва Донишкадаи байналмилалии адолати судӣ ва волоияти қонун. Принсипҳои малтагии реинтегратсияи ҷангҷӯён- террористҳои бозгаштаистода (ҶТБ/ИБТ))
15. Hedaya. Factors contributing to radicalization - a conceptual framework, 2021: https://www.hedayahcenter.org/resources/good-practices/factors-contributing-to-radicalization/ (Ҳидоя. Омилҳои ба тундгароӣ мусоидаткунанда – нақшаи консептуалӣ)
16. Hedaya, ICCTT, Supplementary guidance on the role of psychologists/ psychologists in rehabilitation and reintegration programmes, Abu Dhabi, 2013. URL: https://toolkit.thegctf.org/en/Resources/Articles/Detail/id/82 (Роҳнамои иловагӣ оид ба нақши равоншиносон/ равоншиносӣ дар барномаҳои офиятбахшӣ ва реинтегратсия)
17. International Alert, Conflict-Sensitive Approaches to Development, Humanitarian Assistance and Peacebuilding: A Resource Pack. URL: https://www.international-alert.org/wp-content/uploads/2021/09/Training-Development-Humanitarian-Assistance-Peacebuilding-EN-2004.pdf (Бонги хатари байналмилалӣ. Рӯйкардҳои аз лиҳози низоъ ҳассос ба рушд, ёрии башардӯстона ва сулҳофарӣ)
18. International Civil Society Action Network (ICAN) and the United Nations Development Programme (UNDP). Invisible Women: Gender Dimensions of Return, Rehabilitation and Reintegration after Violent Extremism. New York, 2019. URL:

https://icanpeacework.org/wp-content/uploads/2019/02/ICAN-UNDP-Rehabilitation-Reintegration-Invisible-Women-Report-2019.pdf (Шабакаи байналмилалии амалҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ICAN) ва Барномаи рушди СММ (БРСММ. Занони ноаён: Ҷанбаҳои гендерии бозгашт, офиятбахшӣ ва реинтегратсия баъди экстремизми хушунатомез)

19. ICCTT, The Hague Basic Principles and Best Practice Paper on the Rehabilitation and Reintegration of Violent Extremist Offenders. URL: http://www.icct.nl/app/uploads/download/file/ICCT-Background-Paper-Rehab-Core-Principles-Good-Practices.pdf (Принсипҳои асосии Гаага ва ҳуҷҷат оид ба таҷрибаи пешқадам дар самти офиятбахшӣ ва реинтегратсияи ҷинояткорон - экстремистҳои хушунатгар)
20. Nemr, Christina, Lara Nonninger, Eva Entenmann, Fulco van Deventer and Bibi van Ginkel. It Takes a Village: An Action Programme on the Role of Civil Society in the Rehabilitation and Reintegration of Persons Associated with and Affected by Violent Extremism. Global Centre for Cooperative Security; International Centre for Counter-Terrorism – The Hague, 2018. URL: https://icct.nl/app/uploads/2018/08/GC_It-Takes-a-Village_WEB.pdf (Барномаи амалҳо оид ба накшаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар офиятбахшӣ ва реинтегратсияи ашхоси ба экстремизми хушунатомез робитадошта ва аз он зарардида. Маркази глобалӣ доир ба амният ва ҳамкорӣ; Маркази байналмилалии мубориза бо терроризм)
21. The OSCE Mission to Bosnia and Herzegovina. Covering Violent Extremism and Terrorism. Handbook for Journalists, 2019. URL: https://www.osce.org/mission-to-bosnia-and-herzegovina/442381 (Миссияи САҲА дар Босния ва Герсеговина. Тавзеҳи ташреҳи экстремизми хушунатомез ва терроризм. Роҳнамо барои рӯзноманигорон)
22. OSCE and ODIHR. Handbook on Addressing Threats and Challenges of "Foreign Terrorist Fighters" in a Human Rights Framework. 2018. URL: https://www.osce.org/odihr/393503 (Роҳнамо доир ба муқовимат ба таҳдиду чолишҳои ҷангҷӯён- террристони хориҷӣ» " дар ҳошияи ҳуқуқи инсон)
23. OSCE Transnational Threats Department. Rehabilitation and Non-Custodial Reintegration in Preventing and Countering Violent Extremism and Radicalisation that Lead to Terrorism: A Guide for Policymakers and Practitioners in South- Eastern Europe, 2020. URL: https://www.osce.org/secretariat/444838 (Департаменти САҲА доир ба таҳдидҳои фаромиллӣ. Офиятбахшӣ ва реинтегратсияи ба маҳрумкунӣ аз озодӣ вобастанабуда дар пешгирӣ ва муқовимат бо экстремизми хушунатомез ва тундгароии ба терроризмбаранда: Роҳнамо барои сиёсатмадорон ва кормандони амалӣ дар Аврупои Ҷанубу Шаркӣ)
24. OSCE Transnational Threats Department. A Society-Wide Approach to Preventing and Countering Violent Extremism and Radicalisation that Lead to Terrorism: A Guide for Central Asia, 2020. URL: https://www.osce.org/secretariat/444340 (Департаменти САҲА доир ба таҳдидҳои фаромиллӣ. Рӯйкарди умумиҷтимоӣ дар пешгирӣ ва муқовимат бо экстремизми хушунатомез ва тундгароии ба терроризмбаранда: Роҳнамо барои Осиёи Марказӣ)
25. OSCE Transnational Threats Department. The Role of Civil Society in Preventing and Countering Violent Extremism and Radicalization that Lead to Terrorism: A Guide for South

Eastern Europe. URL: https://www.osce.org/secretariat/400241 (Департаменти САҲА доир ба таҳдидҳои фаромиллӣ. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирӣ ва муқовимат бо экстремизми хушунатомез ва тундгароии ба терроризмбаранда: Роҳнамо барои Аврупои Ҷанубу Шарқӣ)
26. OSCE Transnational Threats Department. Preventing Terrorism and Countering Violent Extremism and Radicalization that Lead to Terrorism: A Community Policing Approach. 2014. URL: https://www.osce.org/atu/111438 (Департаменти САҲА доир ба таҳдидҳои фаромиллӣ. Пешгирии терроризм ва муқовимат бо экстремизми хушунатомез ва тундгароии ба терроризмбаранда: Рӯйкард доир ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ)
27. OSCE Transnational Threats Department. Understanding Referral Mechanisms in Preventing and Countering Violent Extremism and Radicalization that Lead to Terrorism: A Guide for South-Eastern Europe. URL: https://www.osce.org/secretariat/418274 (Департаменти САҲА доир ба таҳдидҳои фаромиллӣ. Фаҳмиши механизмҳои азнавҷобаҷокунӣ дар пешгирӣ ва муқовимат бо экстремизми хушунатомез ва тундгароии ба терроризмбаранда: Роҳнамо барои Аврупои Ҷанубу Шарқӣ)
28. OSCE Transnational Threats Department. Understanding the role of gender in preventing and countering violent extremism and radicalization that lead to terrorism – good practice for law enforcement agencies. URL: https://www.osce.org/secretariat/420563 (Департаменти таҳдидҳои фаромилии САҲА. Дарки нақши гендер дар пешгирӣ ва муқовимат бо экстремизми хушунатомез ва тундгароии ба терроризмбаранда – таҷрибаи пешқадам барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ)
29. RAN Guide: Responding to returnees: Foreign terrorist fighters and their families, July 2017. URL: https://ec.europa.eu/home-affairs/system/files_en?file=2020-09/ran_br_a4_m10_en.pdf (Роҳнамои RAN: Вокуниш ба бозгаштагон: Ҷанговарони террористи хориҷӣ ва оилаҳои онҳо)
30. RAN, Covering Violent Extremism and Terrorism, Challenges for Journalists - Practitioners' Recommendations, Luxembourg, 2021. URL: https://ec.europa.eu/home-affairs/networks/radicalisation-awareness-network-ran/publications/reporting-about-violent-extremism-and-pcve-challenges-journalists-recommendations-practitioners_en (Ташреҳи экстремизми хушунатомез ва терроризм, чолишҳо барои рӯзноманигорон – тавсияҳои кормандони амалӣ)
31. RAN, A Compendium of Inspirational Practices, Preventing Radicalization to Terrorism and Violent Extremism. URL: https://ec.europa.eu/home-affairs/networks/radicalisation-awareness-network-ran/collection-inspiring-practices_en (Маҷмӯаи таҷрибаҳои илҳомбахш, пешгирӣ аз экстремизми хушунатомез ва тундгароии ба терроризмбаранда)
32. RAN H&SC Handbook, Extremism, Radicalisation and Mental Health: A Guide for Practitioners, November 2019. URL: https://ec.europa.eu/home-affairs/pages/page/ran-hsc-handbook-extremism-radicalisation-mental-health-handbook-practitioners-november-2019_en (Роҳнамои RAN H&SC, Экстремизм, тундгароӣ ва саломатии руҳӣ: роҳнамо барои кормандони амалӣ)
33. RAN, Rehabilitation and Reintegration of Extremist Offenders from a Mental Health Perspective, Concluding Document, 07/04/2021. URL: https://ec.europa.eu/home-affairs/system/files/2021-

04/ran_mh_rehabilitation_reintegration_of_extremist_offenders_10-11_032021_en.pdf (Офиятбахшӣ ва реинтегратсияи ҷинояткорон-экстремистҳо аз нигоҳи саломатии рӯҳӣ, ҳуҷҷати ниҳоӣ)

34. Dallin Van Leeuwen, Countering Violent Extremism: An Introductory Guide to Concepts, Programming and Best Practices; adapted for the Central Asian region, Russian edition (Search for Common Ground NGO, 2019). URL: https://www.sfcg.org/countering-violent-extremism/SFCG-Countering_Violent_Extremism-An_Introductory_Guide_Russian.pdf (Ҷустуҷӯи заминаи муштарак: муқовимат ба экстремизми хушунатомез. Роҳнамои муқаддимавӣ доир ба консепсияҳо, барномаҳо ва таҷрибаи пешқадам. Барои минтақаи Осиёи Марказӣ мутобиқ кунонида шудааст)
35. UN Counter-Terrorism Committee Executive Directorate (UNCTED). Policy Brief: Repatriation of ISIL-linked women. September 2019. URL: https://www.un.org/securitycouncil/ctc/sites/www.un.org.securitycouncil.ctc/files/files/documents/2021/Jan/cted-analytical-brief-repatriation-of-women.pdf (Директорати иҷроияи Кумитаи зиддитеррористии СММ. Маълумотномаи таҳлилӣ: Репатриатсияи занони алоқаманд ба ДОИШ)
36. United Nations. Key Principles on the Protection, Repatriation, Prosecution, Rehabilitation and Reintegration of Women and Children with Links to UN-Listed Terrorist Groups. April 2019. URL: https://www.un.org/counterterrorism/sites/www.un.org.counterterrorism/files/key_principles-april_2019.pdf (Созмони Милали Муттаҳид. Принсипҳои калидии ҳифз, репатриатсия, таъқиби судӣ, офиятбахшӣ ва реинтегратсияи занон ва кӯдаконе, ки бо гурӯҳҳои террористии дар фехристи СММ қарордошта, робита доранд)
37. UN Counter-Terrorism Implementation Task Force, Working Group on the Promotion and Protection of Human Rights and the Rule of Law while Countering Terrorism. A Guide for States to Respond to the Threat from Foreign Fighters with Respect for Human Rights, 2018. URL: https://www.ohchr.org/EN/newyork/Documents/Human-Rights-Responses-to-Foreign-Fighters-web%20final.pdf (Гурӯҳи махсуси СММ доир ба амалисозии тадбирҳои зиддитеррористӣ, Гурӯҳи корӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва волояти қонун дар шароити мубориза бо терроризм. Роҳнамо барои давлатҳо доир ба вокуниш ба таҳдидҳои марбут ба ҷангҷӯёни хориҷӣ, бо риояи ҳуқуқи инсон)
38. Маҷмаъи умумии СММ 10/75, Стандартҳои минималии муносибат ба маҳбусон (Қоидаи Нелсон Мандела). RES/70/75. 2015. https://cdn.penalreform.org/wp-content/uploads/1957/06/ENG.pdf
39. UNDP / International Alert - Improving the Impact of Violent Extremism Prevention, Programming Guide. URL: http://www.pvetoolkit.org/ (БРСММ/International Alert – Беҳтар намудани таъсири профилактикаи экстремизми хушунатомез – Роҳнамо барои барномарезӣ)
40. UNESCO. A Teacher's Guide to Preventing Violent Extremism. URL: https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000244676 (ЮНЕСКО "Роҳнамо барои омӯзгорон доир ба пешгирии экстремизми хушунатомез)
41. UNESCO. Preventing Violent Extremism through Education: A Guide for Policymakers. URL: https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000247764 (ЮНЕСКО "Пешгирии

экстремизми хушунатомез тавассути таҳсил ва омӯзиш: роҳнамо барои сиёсатмадорон)
42. UNESCO. A Youth Guide to Preventing Violent Extremism through Education. URL: https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000260547 (ЮНЕСКО Роҳнамо: роҳбарии ҷавонон дар пешгирии экстремизми хушунатомез тавассути таҳсил ва омӯзиш)
43. UNHCR, Guidelines on Emergency Situations, Humanitarian Principles. URL: https://emergency.unhcr.org/entry/44765/humanitarian-principles (Роҳнамо барои ҳолатҳои фавқулодда, Принсипҳои башардӯстона)
44. UNESCO, Youth and Violent Extremism in Social Media: A Research Review, Paris, 2017. URL: https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000260382 (ЮНЕСКО, "Ҷавонон ва экстремизми хушунатомез дар шабакаҳои иҷтимоӣ: шарҳи тадқиқот")
45. UNODC, Handbook on Gender Aspects of Criminal Justice Responses to Terrorism, Vienna, 2019. URL: https://www.unodc.org/documents/terrorism/Publications/17-08887_HB_Gender_Criminal_Justice_E_ebook.pdf (Китоби роҳнамо доир ба ҷанбаҳои гендерии чораҳои адолати судии ҷиноятӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм)
46. UNODC Handbook on Children Recruited and Exploited by Terrorists and Violent Extremist Groups, Vienna, 2018. URL: https://www.unodc.org/documents/justice-and-prison-reform/ChildVictims/Handbook_on_Children_Recruited_and_Exploited_by_Terrorist_and_Violent_Extremist_Groups_the_Role_of_the_Justice_System.E.pdf (Роҳнамои РММҶ СММ доир ба кӯдаконе, ки аз ҷониби гурӯҳҳои экстремистию террористӣ бо истифода аз зӯроварӣ ҷалб ва истисмор карда мешаванд)
47. UNODC. Handbook on Working with Violent Extremist Prisoners and Preventing Radicalization to Violence in Prison, New York, 2016. URL: https://www.unodc.org/pdf/criminal_justice/Handbook_on_VEPs.pdf (Роҳнамо оид ба кор бо маҳбусон аз зумраи экстремистҳои ҷанговар ва пешгирии тундгароӣ ба сӯи хушунат дар маҳбасҳо)
48. UNODC. Human Rights and Criminal Justice Responses to Terrorism, 2015. URL: https://www.unodc.org/documents/terrorism/Publications/Module_on_Human_Rights/Module_HR_a nd_CJ_responses_to_terrorism_ebook.pdf (Ҳуқуқи инсон ва чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ доир ба мубориза ба терроризм)
49. UNODC Introductory Handbook on the Prevention of Recidivism and Social Reintegration of Offenders, Criminal Justice Handbook Series, 2012. URL: https://www.unodc.org/documents/justice-and-prison-reform/crimeprevention/Introductory_Handbook_on_the_Prevention_of_Recidivism_and_the_Social_Reintegration_of_Offenders.pdf (Роҳнамои муқаддимавии РММҶ СММ доир ба пешгирии ретсидивизм ва реинтегратсияи иҷтимоии ҷинояткорон, силсилаи "Роҳнамо доир ба адолати судии ҷиноятӣ")
50. UNODC, Preventing Violent Extremism through Sport, Tools for Central Asia. URL:https://www.unodc.org/dohadeclaration/en/news/2021/07/preventing-violent-extremism-through-sport_-unodc-launches-new-tools-in-central-asia.html (Роҳнамо: Пешгирии экстремизми хушунатомез тавассути варзиш, Маҷмӯи афзорҳо барои Осиёи Марказӣ)
51. UNODC, Preventing Violent Extremism through Sport, Technical Guide, Vienna, 2020. URL:

https://www.unodc.org/documents/dohadeclaration/Sports/PVE/PVE_TechnicalGuide_EN.pdf (Пешгирии экстремизми хушунатомез тавассути варзиш, Роҳнамои техникӣ)

52. UNODC, Handbook – Technical Assistance on the Appropriate Use of Non-Custodial Measures for Terrorism-Related Offences, Vienna, 2021. URL: https://www.unodc.org/pdf/terrorism/UNODC_Technical_Assistance_Handbook_-_Electronic_ENG.pdf (Пешгирии экстремизми хушунатомез тавассути варзиш, Роҳнамои техникӣ)
53. UNOCT, Reference Guide – Developing National and Regional Action Plant to Prevent Violent Extremism, 2018 URL: https://www.un.org/counterterrorism/sites/www.un.org.counterterrorism/files/unoct_pvereferenceguide_final.pdf (Идораи СММ барои мубориза бо терроризм, Дастурамал – Ташаккули нақшаи амали миллӣ ва минтақавӣ оид ба пешгирии экстремизми хушунатомез)
54. UN Security Council Guidelines on FTFs: Madrid Guidelines 2015 + Supplement 2018, New York 2019. URL: https://www.un.org/securitycouncil/ctc/sites/www.un.org.securitycouncil.ctc/files/files/documents/2021/Jan/security-council-guiding-principles-on-foreign-terrorist-fig.pdf (Принсипҳои роҳбарикунандаи Шӯрои амнияти СММ доир ба ҶЭХҲ (ИБТ): Принсипҳои роҳбарикунандаи Мадрид соли 2015 + иловаҳои соли 2018)
55. UN Women, Guidance Note - Principles, Aspects and Priorities of Gender Mainstreaming for CVE, 2019. URL: https://www.unwomen.org/-/media/headquarters/attachments/sections/library/publications/2019/gender-mainstreaming-principles-dimensions-and-priorities-for-pve-en.pdf?la=en&vs=1610 (СММ-Занон. Роҳнамо - Принсипҳо, ҷанбаҳо ва афзалиятҳои баинобатгирии масоили гендерӣ барои ПЭ)
56. UN Women, Training Manual: Women in Preventing and Countering Violent Extremism 2021. URL: https://www.unwomen.org/en/digital-library/publications/2021/02/a-training-manual-women-in-preventing-and-countering-violent-extremism#view (СММ-Занон. Дастури омӯзишӣ: Занон дар пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизми хушунатомез)

**Замимаи II – Намунаи рӯйкардҳо вобаста ба ОРБ дар сатҳи ҷаҳонӣ**

***Aggredi - Финляндия***

Ташаббуси ба коҳиш додани сатҳи хушунат ё пурра аз байн бурдани он дар сатҳи инфиродӣ равонашуда. Ҳадафи дигар – коркарди методҳои кор бо ҳуқуқвайронкунандагоне мебошад, ки дар ҳавои кушод ба хушунат даст мезананд. Кор бо мизоҷони Aggredi таркиббандишуда ва ба табобат равонашуда мебошад. Он ба конструктивизми иҷтимоӣ асос ёфтааст. Aggredi бетарафона ва бо шахсони алоҳида дар ҳамкорӣ бо муаллифон фаъолият менамояд. Мансубияти сиёсӣ, идеологӣ ё мазҳабӣ барои мизоҷи Aggredi гардидан аҳамият надорад. Aggredi ба ҳама шахсоне, ки дар ҳавои кушод дар синну соли аз 18 то 39 ба хушунат даст задаанд, хидматҳои худро пешниҳод менамояд. Манбаъ: https://www.aggredi.fi/aggredi/aggredi-english

***Канада – Барномаҳои мухталифи дахолат:***
***https://www.publicsafety.gc.ca/cnt/bt/cc/ntrvntn-en.aspx***

Маркази пешгирии тундгароии ба хушунатбаранда, Монреаль, Канада: Бастаи иттилоотӣ барои корманди бахши иҷтимоӣ ва мушовирони таъсисидодаи шаҳри Монреал. Ҳадафи Марказ пешгирии тундгароии хушунатомез ва дастгирии ашхоси аз он ҷабрдида мебошад. Ин маводи маҷмӯӣ ба корманди бахши иҷтимоӣ ва мушовирон дар фаҳмиши амиқтари омилҳои ба тундгароӣ мусоидаткунанда кумак мерасонад. Манбаъ: https://info-radical.org/en/

***Carefronting - Нигерия***

Ташкилоти ғайриҳукуматии ғайримазҳабӣ ва ғайрисиёсӣ, ки ҷиҳати пешгирӣ ва табдили экстремизми хушунатомез бо истифодаи рӯйкардҳои ба баинобатгирии осеб асосёфта фаъолият менамояд. Ҳадафи ташкилот – ҷомеаи орому босубот ва холӣ аз ҳама гуна хушунат аст. Манбаъ: https://carefronting.org/services/

***Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо "Ҷалби ҷомеаҳо ба муқобили тундгароӣ " (CEAR)***

Ҳадафи умумии CEAR аввалан: систематикунонии моделҳои амалии ҷалби ҷомеаҳо ва шаҳрвандон ҷиҳати баланд бардоштани малакаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирии экстремизм ва тундгароӣ бо роҳи коркарди дастафзорҳои рақамӣ барои паҳнкунӣ дар ҷомеаҳои маҳаллӣ. Дувум: инкишофи сохторҳои дастгирӣ, ки ба ҳама субъектҳои дахлдори маҳаллӣ тренингҳои махсусгардонидашуда ва хизмати машваратиро ҷиҳати расонида кумак дар татбиқи иқдомоти мушаххас дар соҳаи ПЭ пешниҳод менамояд. Лоиҳа се бастаи дастафзорҳоро барои созмонҳои ҷавонон дар бар мегирад: барои онҳое, ки бо оилаҳои ба хушунат шадидан моил кор мекунанд; барои онҳое, ки бо ҷомеаҳои мусулмонон бо зоҳир намудани таваҷҷуҳи хос ба масъалаи аз байн бурдани хурофот ва таълимоти беасл кор мекунанд. Он ҳамчунин онлайн-платформаеро дар бар мегирад, ки ба ройгон ба роҳ мондани робитаҳо байни мушовирон/ коршиносҳо доир ба масъалаҳои ПЭ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии ба дастгирии лоиҳаҳояшон эҳтиёҷманд равона шудааст. Манбаъ: https://cearproject.eu

***Cultures Interactive – Олмон***

ТҒҲ, ки ба омӯзонидани ҷавонон ба донишҳои шаҳрвандӣ, тафаккури фарҳангӣ ва эҳсосӣ, инчунин баргузоркунии семинарҳои фарҳангии ҷавонон барои кормандони бахши иҷтимоӣ машғул аст. Соли 2005 ба сифати чораи ҷавобӣ ба густариши васеи муҳити экстремистии ростгаро ва неонатсистӣ таъсис дода шудааст, ки дар Олмони Шарқӣ баъди ҳамроҳшавӣ дар солҳои 1990 рух дода, баъдан ноҳияҳои дохилии шаҳрро низ фаро гирифта буд, ки аз шиддати тундгароии қавмӣ ва мазҳабии ба муҳоҷират вобастабуда зиён дида буданд. Аз он дам инҷониб "Культур интерактив" тарзҳои навоварона ва устувори пешгирии тундгароӣ ва экстремизми хушунатомезро дар байни ҷавонон таҳия ва озмоиш намудааст. Дар ин ҳол ба коркарди методҳо барои ҷомеаҳои дорои хавфи баланд, дастрасиашон барои ҷалбкунӣ душвор, ки ба навъҳои мавҷудаи дахолат (дастгирӣ) ба осонӣ мутобиқ намешаванд, диққати махсус дода мешавад.

Манбаъ: https://cultures-interactive.de/en/our-work.html

***Deutscher Volkshochschul-Verband Эволютсияи деҳаҳои осоишта***

Лоиҳаи мазкур дар ноҳияҳои наздисарҳадии Қирғизистон ва Тоҷикистон амалӣ гардида,ба таҳкими муносибатҳои осоиштаи байнисарҳадӣ тавассути тадбирҳои зерин равона гардидааст:

1) таҳкими зарфиятҳои оперативӣ ва ниҳодии ТҒҲ-и тоҷик ва қирғиз, инчунин тақвият додани ҳамоҳангсозӣ (ҳамкории шабакавӣ) байни онҳо ҷиҳати коҳиш додани омилҳои тундгароӣ, ки ба низоъҳои мусаллаҳона ва экстремизм расонида метавонанд;

2) бунёди сохторҳои қобили амал ва самаранок фаъолияткунандаи дар заминаи ҷомеаҳо (марказҳои таълимӣ) ҳамчун фазо барои музокирот доир ба масъалаҳои амният, рушди иҷтимоӣ ва сафарбаркунии ҷомеаҳо, ки метавонанд инчунин барои ҳамкорӣ байни сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҳамчун пойгоҳ хизмат намоянд;

3) ташаккули таклифҳо ҷиҳати тарбия дар рӯҳияи масъулияти шаҳрвандии глобалӣ, омӯзиш дар соҳаи пешгирии экстремизм ва музокирот оид ба масъалаҳои бехатарӣ дар ҷомеаҳо ҷиҳати васеъ намудани имкониятҳои фаъолони анъанавӣ, занон ва ҷавонон дар мусоидат ба таҳкими боварии байнисарҳадӣ ва пешгирии низоъҳо;

4) рушди тиҷорату соҳибкорӣ дар минтақаҳои байнисарҳадӣ ҷиҳати пешрафти иқтисодии ҷомеаҳои тоҷик ва қирғиз. Манбаъ: https://www.dvv-international-central-asia.org/tajikistan/news/2020/peaceful-villages-evolvement-1

***EXIT - Олмон***

EXIT-Олмон - ин ташаббус ба одамоне, ки хоҳиши тарк намудани ҳаракати ростгароии шадидро доранд, барои оғоз намудани ҳаёти нав кумак мерасонад. Он аз тарафи криминолог ва муфаттиши политсия Бернд Вагнер ва собиқ навмиллатгаро Инго Хасселбах таъсис дода шуда, аз тобистони соли 2000 ба фаъолият оғоз ва ба ашхосе, ки муҳити экстремистию таҷовузкоронаро тарк намудаанд, дасти мадад дароз менамояд. Манбаъ: https://www.exit-deutschland.de/english/

-

***EXIT UK***

Созмони EXIT UK аз ҷониби собиқ экстремистҳои ростгаро ҷиҳати ба дигарон расонидани кумак дар тарк намудани ҳаракати ростгароён, дуршавӣ аз экстремизм дигар намудани тарзи хаёти худ таъсис дода шудааст. Манбаъ: https://exituk.org/about-us

***Муколламаи экстремалӣ***

Аз ҷониби Донишкадаи муколламаи экстремалӣ таъсис дода шуда, фаъолияти он ба коҳиш додани ҷаззобияти экстремизми хушунатомез дар байни ҷавонон тавассути ба роҳ мондани муколламаи соддаву осон тарҳрезишуда равона шудааст. Дар сомонаи худ маводи омӯзиширо паҳн менамояд. Маъбаъ: https://extremedialogue.org/about-us

***Families for Life UK***

Бо аҳли оила ва дӯстони онҳое, ки дар ҷараёни тундгароӣ ва экстремизми хушунатомез қарор доранд, корбарӣ намуда, машварат, хизмат ва ва кумаки маҳрамона пешниҳод менамояд. Манбаъ https://familiesforlife.org.uk/how-we-can-help-1

***Fryshuset – Хуруҷ аз Шветсия:***

Fryshuset – ин яке аз ташкилотҳои ҷавонон дар Шветсия мебошад, ки ба ҷалби ҷавонон ва чорабиниҳои берунидарсӣ машғул аст. Ҷузъи ин ташкилот EXIT Sweden- ин пешниҳод ба шахсоне мебошад, ки дар ҳаракатҳои миллатгароӣ фаъолона иштирок дошта, вале хоҳишманди кумак дар хориҷ шудан аз онҳо мебошад. Бартарии ин тарзи рӯйкард дар он аст, ки баъзе аз ашхоси дар EXIT фаъолияткунанда қаблан худашон дар ташкилотҳои мухталифи миллатгаро шомил буда, ҳоло бошад, бо истифода аз таҷрибаи худ ба дигарон кумак мерасонанд. EXIT бо ҷавононе, ки майли хориҷшавиро аз муҳити миллатгароӣ доранд, гурӯҳҳои касбие, ки ба чунин ҷавонон машғулиятҳои омӯзишӣ гузаронида, онҳоро назорат мекунанд, хешовандон, мақомоти мунитсипалӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ ҳамкорӣ намуда, ба чунин ҷавонон дар оғоз намудани ҳаёти нав кумак мерасонад. Модели EXIT сараввал дар Норвегия таҳия шуда, баъдан ба тамоми Скадинавия, инчунин Олмон паҳн гардидааст. Манбаъ: https://www.fryshuset.se/verksamhet/exit/

***Hedayah (Ҳидоя) – Дастгирии оилаҳо дар шароити экстремизм***

